РАҲИМИ МУСУЛМОНИЁН - ДОСТОНИ ҒАМУ ШОДӢ с. 6

ДАР ТОҶИКИСТОН КОРҶӮЁН ЗИЁД ШУДААНД с. 3

МАБЛАҒИ УТИЛИЗАТСИЯИ АККУМУЛЯТОР ЧАНД АСТ? с. 5

ТОҶИКИСТОН

№50 (1663), 10.12.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ФОҶЕА ДАР РАШТ

ЧӢ ТАВР ХУДРО АЗ ЗАҲРОЛУДШАВӢ ҲИФЗ КАРДАН МУМКИН АСТ?



ДАР ИН ШУМОРА:

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТУРСУНЗОДА
Аз ифтитоҳи корхонаҳо то мактабу кӯдакистонҳои замонавӣ с.2

НАФАҚАХӮРОН
Агентӣ чаро онҳоро ба қайд мегирад? с.3

ҚОНУНИ АФВ
Президент 615 маҳбусро озод кард с.4

ПАНҶГОНАИ БЕҲТАРИН
Аз рушди босуръати саноат то 100 имконият с.7

ЗӮРОВАРИИ РАҚАМӢ
ВАО занонро чӣ гуна ҳимоя мекунад? с.10

ГУЛНАЗАР
Дар Хуҷанд 80-солагии шоирро таҷлил карданд с.8

ЛУЪБАТ БУРҲОНОВА
- олиҳае аз табори Мунзим с.13

ВАРЗИШ
“Вахш” ноумед шуд… с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТУРСУНЗОДА

Аз ифтитоҳи корхонаҳо то мактабу кӯдакистонҳои замонавӣ

9-уми декабр Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо шароити зиндагии мардум, раванди корҳои ободониву созандагӣ ва ифтитоҳи як қатор иншооти муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба шаҳри Турсунзода сафар анҷом доданд.





ИФТИТОҲИ МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ҶДММ «АЛЮМИН ПРОФ»

Нахуст, Сарвари давлат ба фаъолияти марҳилаи дуюми корхонаи «Алюмин Проф», ки иқтидори истеҳсолиаш 8 760 тонна маҳсулоти пластикӣ дар як сол мебошад, оғоз бахшиданд.

Иттилоъ дода шуд, ки корхона зиёда аз 5 навъи маҳсулоти пластикӣ бо стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол намуда, онҳоро пурра ба хориҷа содирот мекунад. Истеҳсоли ин навъҳои маҳсулоти ватанӣ ба коҳиши нархи бозорӣ, иваз намудани воридот ва тақвияти саноати миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар корхона профилҳои пластикӣ, лулаҳои полиэтиленӣ, маҳсулоти резинӣ, бутил ва дигар навъҳои зарурии қисмҳои сохтмонӣ истеҳсол мешаванд.

Ҳамзамон, лоиҳаи марҳилаи сеюми корхона, ки аз 4 коргоҳ иборат аст ва иқтидори коркарди алюминийро то 8 000 тонна дар сол мерасонад, муаррифӣ шуд.

ИФТИТОҲИ МАКТАБИ НАВ ДАР ДЕҲАИ РЕГАР

Дар деҳаи Регари шаҳри Турсунзода Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №23 ба истифода дода шуд. Муассисаи нав барои 1056 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 20 синфхона ва кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз - аз ҷумла химия, биология, физика, география, меҳнат, омодагии ҳарбӣ ва технологияи иттилоотӣ мебошад.

Мактаб ба Интернет пайваст буда, дорои майдончаи варзишӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасони замонавӣ мебошад.

Илова бар ин, бо иштироки Пешвои миллат 8 муассисаи нави маориф дар деҳоти гуногуни шаҳр ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

КӮДАКИСТОНИ «ҒУНЧАҲОИ ИСТИҚЛОЛ»

Дар деҳаи Исмоили Сомонӣ бинои кӯдакистони хусусии "Ғунчаҳои Истиқлол" мавриди истифода қарор гирифт. Ин муассисаи томактабӣ барои 250 кӯдак пешбинӣ шудааст ва барои рушди зеҳнӣ, таълими ибтидоӣ ва бозиҳои шавқовар шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз мураббиён даъват карда шуд, ки бо истифода аз шароити мусоид кӯдаконро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намоянд, то онҳо дар оянда барои пешрафти Тоҷикистон саҳми арзишманд гузоранд.

Ҳамчунин, ба таври фосилавӣ кӯдакистони хусусии "Дунёи ширин" дар кӯчаи Ҷалолиддини Балхӣ, муассисаи томактабии "Лабханди кӯдак" дар деҳоти Регар, кӯдакистони "Ҷони бобо" дар шаҳри Турсунзода, боғчаҳои хусусии "Шукуфа" ва "Лола", Муассисаи томактабии наздимуассисавии деҳаи Шӯрхок мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

КОРХОНАИ НАВИ МАҲСУЛОТИ АЛЮМИНӢ

Дар шаҳри Турсунзода корхонаи нави ҶДММ «Алюминийи аввалин» ба фаъолият оғоз кард. Иншоот аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Хуршед Азизов бо ҳамкорӣ бо ширкати хориҷии Treks Munandislik ба истиқболи 35-солагии Истиқлол дар масоҳати 6,2 гектар бунёд шудааст.

Корхона бо технологияи муосир муҷаҳҳаз буда, имкони истеҳсоли 40 навъи профили алюминий ва то 10 ҳазор тонна маҳсулот дар сол дорад. Маҳсулот мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ буда, дар баробари бозори дохилӣ ба хориҷа низ содирот мешавад.

Дар фарҷом Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхонаҳои саноатии шаҳр дидан карданд. Дар он корхонаҳои маҳаллӣ маҳсулоти худ, навовариҳо ва имкониятҳои истеҳсолиашонро ба намоиш гузоштанд.

ИФТИТОҲИ БОЗОРИ НАВИ ТУРСУНЗОДА

Президенти кишвар марҳилаи аввалини Бозори Турсунзодаро, ки дар масоҳати 14 гектар бо тарҳи муосир бунёд шудааст, ба таври фосилавӣ ифтитоҳ намуданд. Марҳилаи аввал дорои 1500 нуқтаи савдо, ду таваққуфгоҳ, 12 бинои асосӣ ва 10 соябон буда, бештар аз 1670 ҷойи корӣ фароҳам овардааст.

Дар марҳилаи дуюм бунёди 20 сардхона, 26 дорухона, нуқтаҳои хизматрасонӣ, инчунин афзоиши ҷойҳои корӣ то 2670 нафар пешбинӣ шудааст. Дар ҳудуди бозор меҳмонхона бо 120 ҷойи хоб низ сохта шудааст.

БИНОИ НАВИ РАЁСАТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

Дар маркази шаҳр бинои нави Раёсати минтақавии Агентӣ дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Ҳисор ба истифода дода шуд. Бино аз 10 ҳуҷраи корӣ, китобхона, маҷлисгоҳ, ошхона, толори варзишӣ, манзилҳои хизматии духуҷрагӣ ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст.

Сохтмон моҳи январи 2024 оғоз шуда, дар муҳлати муқарраргардида бо сифати баланд анҷом ёфт.

Пешвои миллат ба се оилаи ҷавони кормандони Агентӣ калидҳои манзили хизматӣ супориданд.

100 КОРХОНАИ ФАЪОЛ ДАР ШАҲР

Дар шаҳри Турсунзода имрӯз зиёда аз 100 корхонаи хурду бузурги саноатӣ фаъолият мекунад. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар 10 моҳи соли 2025 ба зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 185 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

АЗНАВБАҚАЙДГИРИИ НАФАҚАХЎРОН

Агентӣ ҳадафашро шарҳ дод

Дар Тоҷикистон аз нимаи дуюми моҳи ноябр бақайдгирии рақамии нафақахўрон оғоз шуда, то охири моҳи декабр идома мекунад. Бақайдгирии маълумот ва чеҳраи нафақахўрон (Face ID) тариқи телефон сурат мегирад ва аксу иттилои онҳо дар барномаи алоҳида ҷой дода мешавад.

Тибқи иттилои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, барномаи мазкур "ба шаффофият ва самаранокии идоракунӣ мусоидат менамояд" ва дар тамоми 68 шаҳру ноҳияи кишвар анҷом дода мешавад.

Ин ниҳод мегўяд, нафақахўронро зарур аст, ки бо ҳуҷҷати тасдиққунандаи худ ба шуъбаҳои Агентии нафақа ва суғуртаи иҷтимоии маҳали худ муроҷиат кунанд. Бақайдгирӣ ройгон аст.


Нафақахўрони пиронсол ва онҳое, ки маъюбият доранду ба шуъбаҳои нафақа омада наметавонанд, кормандони шуъбаҳо ба назди онҳо рафта, ба қайд мегиранд.

Ба иттилои Агентӣ суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи кишвар, бақайдгирии рақамӣ ё шиноҳти чеҳраи нафақахўрон бояд то охири моҳи декабри соли равон анҷом дода шавад ва он имкон медиҳад, ки нафақахўрон шахсияти худро "бевосита ва дар вақти мувофиқ" тасдиқ кунанд.

"Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки бақайдгирии нафақагирон дар вақти воқеӣ тавассути нусхагирӣ намудани шиноснома ва шиноҳти чеҳра ба роҳ монда шавад. Иқдоми мазкур хизматрасониҳоро осонтар намуда, барои тасдиқи бехавфи шахсият ёрӣ мерасонад",- омадааст дар хабари расмии ин ниҳод.

Бояд гуфт, ин тасмим дар асоси протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2025 гирифта шуда, дар асоси он фармоиши роҳбари Агентӣ аз 11-уми ноябри соли 2025 дар бораи таъсиси гурўҳи корӣ имзо шудааст. Ба сокинон ҳам қариб охири моҳи ноябр ва аввали моҳи декабр хабар дода шудааст. Ҳабари баргузории чаласа ҳам 29-уми ноябр дар сомонаи ин ниҳод нашр шудааст.

Тибқи иттилои расмӣ, ба ҳолати 1-уми сентябри соли 2025 теъдоди нафақагирон 863 ҳазору 690 аст.





6 НАФАР БАРОИ 1 ҶОЙ

Дар Тоҷикистон корҷўён зиёд шудаанд

Агентии омори Тоҷикистон мегўяд, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ дар кишвар ба 1 ҷойи кори холии пешниҳодшуда 6 корҷў рост омад. Ин дар ҳолест, ки дар ҳамин давраи соли гузашта ба як ҷойи кор қариб 5 нафар рост меомад.

Ба иттилои ин ниҳод, то охири моҳи сентябри соли 2025 дар кишвар беш аз 88 ҳазор корҷў ба қайд гирифта шуда буданд, ки 16,1 дарсад зиёд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта будааст.


Танҳо дар моҳи сентябр зиёда аз 11 ҳазор шаҳрванд барои мусоидат ба шуғл муроҷиат кардаанд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли гузашта 24,5 дарсад афзудааст. Қисми зиёди муроҷиаткунандагон занон будаанд.

Ба иттилои Агентӣ, то охири моҳи сентябр корхонаву ташкилотҳо ҳамагӣ 14,6 ҳазор ҷойи кории холӣ пешниҳод кардаанд, ки 9,2% камтар нисбат ба соли гузашта аст.

Аҳолии Тоҷикистон солона то 200 ҳазор нафар меафзояд ва 70 дарсади аҳолии бештар аз 10-миллионнафарии кишвар ҷавонон ҳастанд. Ба сабаби бекорӣ ва ё музди кам, солона садҳо ҳазор нафар аз ҷавononи кишвар ба Русия барои кору зиндагӣ мераванд.

КУМАКИ БОНКИ АВРУПОЙ БА «ШАБАКАҲОИ ТАҚСИМОТИ БАРҚ»

Бонки аврупоии бозсохт ва рушд ба ширкати давлатии «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и Тоҷикистон дар ҳаҷми 43 миллион евро маблағгузорӣ намуд. Аз ин ҳаҷм 28 миллион евро қарзи сармоягузорӣ барои тақсимоти барқ буда, 15 миллион евро гранти Иттиҳоди Аврупо мебошад.



Бо ин маблағҳо қарор аст сохтори зербунёдии «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и Тоҷикистон дар бахши ҳисобу китоби харҷи нерўи барқ дар нуҳ шаҳру навоҳии вилоятҳои Суғду Хатлон навсозӣ шаванд.

- Аз ҷумла, дастгоҳҳои фарсудае, ки баркро барзиёд ва номуассир истифода мекунанд, бо навъҳои пешрафтаи пурмасраф иваз хоҳанд шуд. Ин кор барои аз байн бурдани системаи номуассири биллингӣ мусоидат хоҳад кард,- омадааст дар иттилоияи Бонки аврупоии бозсохт ва рушд.

Ин маблағҳо инчунин барои эҷоди низоми рақамикунонӣ ва амнияти интернетии шабакаи интернетии ширкат равона хоҳанд шуд.

Ҳаҷми умумии ёриҳои ин бонк ба Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол беш аз 1 миллиард евроро ташкил додааст.

САРИ САБЗ



Асалбек НАЗРИЕВ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Баъзан як коргари одии Вазорати фарҳанг, ки аз театр бўй набурдааст, барои аз даст надодани курсияш, аз баъзе суханҳои саҳнавӣ хўрдагирӣ мекунад, ки ба иззати нафси ҳунарманду коргардон мерасад. Театр оинаи рўзгор аст ва бояд зиндагии ҷомеаро инъикос кунад...

- Дуруст, ҷаноб, театр оинаи рўзгор ва инъикосгари зиндагии ҷомеа аст. Вале, дар Вазорати фарҳанг ҳама роҳбар нестанд ку! Коргарони одӣ бисёранд. Барои ҳамин, ному насаби ҳамон коргар гуфта мешуд, хуб мебуд.



Баҳриддин ҶАЛОЛОВ, рўзноманигори тоҷик

- Ман худро блогер намешуморам. Блогер касе ҳаст, ки телефон гирифт, сабт кард ва аудиторияи худашро пайдо кард. Ўро тамошо карданд, шиноҳтанд, бовар карданд. Ҳоло дар асри 21 блогерӣ яке аз шуғлҳое ҳаст, ки аз пушти худ одамонро мебарад.

- Ҳа-а, маълум аст, ки фазои блогериро таҳлил кардаву хуб ташхис додаед. Зеро, дида истодаем, ки баъзе блогерҳо одамонро аз пушти худ ба куҷо бурда истодаанд...



Ватандор ШЕРОВ, ҳунарпеша ва коргардон

- Вақте ки тамошобин бисёр ба театр меояд, бо ҳунарманд дар рақобат мешавад ва ҳунарманд сўи пеш қадам мемонад. Вале вақте ки тамошобин театр намеояд ва чанд қадам қафо мемонад, ҳунарманд ҳам ба пеш ҳаракат намекунад, кўшиши зиёд намекунад.

- Ҳе, шумо, тамошобинҳо-е! Дидед, сабаби камодамии театрҳо ва аз ҳаракат мондани ҳунармандон шумо ва чанд қадам қафо монданатон будаед. Ба қафоятон нигоҳ накарда, пеш ҳаракат кунед!

Президент зиндониёнро афв кард

Президенти Ӯзбекистон ба муносибати Рӯзи Конститутсия 615 маҳбусро афв кардааст. Дар хабарномаи расмӣ омадааст, ки ин маҳбусон "аз кардаи худ пушаймон шуда, дар роҳи ислоҳи худ буданд".



Бар асоси фармони президент Шавкат Мирзиёев, 220 маҳбус аз адои ҷазо пурра озод шуда, муҳлати ҳабси дигарон сабуктар шудааст.

Дар миёни афвшудагон 29 нафарашон зан, 23 кас шахсони аз 60-сола боло ва 264 тани дигар афроди аз 30-сола поён ҳастанд.

Дар хабарномаи расмӣ омадааст, мақомот муваззаф шудаанд, ки барои таъмини маҳбусони озодшуда бо ҷойи кор кумак расонанд.

KUN.UZ

Зеленский ба интихобот розист, аммо…

Владимир Зеленский, президенти Украина мегӯяд, ки агар Амрико ва муттаҳидони дигар барои интихобот заминаи амниятии боварбахш фароҳам созанд, ӯ ҳозир аст дар кишвари ҷангзадаи худ интихобот баргузор кунад.



Кохи Сафед аз ҳукумати Украина хоҳони баргузории интихобот шудааст ва президент Доналд Трамп рӯзи 9-уми декабр дар мусоҳиба бо нашрияи Politico бори дигар такрор кардааст, ки "вақти он расидааст".

Дархости баргузории интихобот дар ҳоле сурат мегирад, ки Қонуни асосии ин кишвар ба баргузории интихобот дар чараёни ҷанг иҷозат намедиҳад. Зеленский гуфт, ки ӯ парлумонро ташвиқ хоҳад кард, то қонуне қабул кунад, ки дар ҳолатҳои фавқулода ба интихобот иҷозат бидиҳад.

REUTERS



СОБЯНИН МУҲОҶИРОНРО ҲИМОЯТ КАРД

Сергей Собянин, шаҳрдори Маскав рӯзи 3-юми декабр дар гуфтугӯи мустақим бо телевизионҳои "ТВ Центр" ва "Москва 24" ба шикояти сокинон дар бораи зиёд шудани муҳоҷирони камтахассус ва онҳое, ки забони русиро намедонанд, посухи тунд дод.

Шаҳрдор гуфт, ҳамин муҳоҷирон ҳастанд, ки кори вазнинро ба уҳда мегиранд. Собянин ба чунин "коршиносони норозӣ" машварат дод, ки бо дипломи олӣ худашон ҷорӯб ба даст гирифта, кӯчаҳои Маскавро тоза кунанд.

Ба таъкиди шаҳрдор, шумораи муҳоҷирони корӣ дар пойтахти Русия аз соли 2018 бетағйир мондааст.

Вай ҳамчуни бо истинод ба омори Вазорати корҳои дохилӣ таъкид намуд, ки ҷинояти содиркардаи муҳоҷирон коҳиш ёфта, мизони ошкор шудани қонунвайронкунии онҳо афзоиш ёфтааст.

Ҳамзамон Сергей Собянин ба камбуди ним миллион нерӯи корӣ дар Маскав ишора кард, ки ба вазъи демографии ин кишвар вобастагӣ дорад.

Пойтахти Русия яке аз маконҳои асосии корҷӯии даҳҳо ҳазор шаҳрванди бекори Тоҷикистон аст. Русия дар ду соли охир фишору маҳдудиятро ба муҳоҷирон афзоиш додааст ва дигар ин кишвар макони амни корӣ барои муҳоҷирон дониста намешавад.

ШАРТИ ПОКИСТОН БА «ТОЛИБОН»: Ё ШУМО, Ё ТОЛИБОНИ МО!



Тибқи гузоришҳо, танишҳо миёни Покистон ва Афғонистон идома дорад. Шаби 6 ба 7-уми декабр дар минтақаи Спин Булдаки вилояти Қандаҳор миёни Толибони Афғонистон ва неруҳои покистонӣ даргирӣ рух додааст.

Манбаъҳо ҳам дар ҳукумати Толибон ва низ ҳукумати Покистон шаби гузашта ба расонаҳо гуфтаанд, ки дар даргирӣ аз силоҳҳои сабук ва вазнин истифода шудааст.

Забеҳуллоҳ Муҷоҳид, сухангӯи ҳукумати Толибон дар шабакаи Х эълон кард, ки "ҷониби Покистон бори дигар ҳамлаҳоро аз минтақаи Спин Булдак оғоз карда ва неруҳои Иморати исломӣ (Толибон ҳукуматашонро чунин меноманд,- РО) ночор ба вокуниш шуданд".

Ӯ дар мавриди талафот ё мизони хисороти ин даргирӣ ҷузъиёте ироа накард.

Спин Булдак яке аз нуқтаҳои пуртаниши марзӣ миёни Афғонистон ва Покистон ба шумор меравад, ки дар моҳҳои ахир борҳо шоҳиди даргирии марзӣ миёни неруҳои ду тараф будааст.

То ҳанӯз рӯшан нест, ки ҷанг аз кадом тараф ва ба чӣ сабаб оғоз шудааст.

Расонаи покистонии Pakistan Observer ба нақл аз Вазорати корҳои хориҷии он кишвар гуфтааст, маънии оташбас миёни ду кишвар ин буд, ки Афғонистон пеши ҳамлаҳои ҷангҷӯёни Таҳрики Толибони Покистонро (ТТР) бигирад, аммо то кунун ин кор сурат нагирифтааст.

Исломобод борҳо Толибони Афғонистонро ба ҳимоят аз ТТР ва гурӯҳҳои мухолифи Покистон муттаҳам мекунад. Аммо Толибони Афғонистон ин иттиҳомҳоро рад карда ва мегӯянд, ки Покистон бояд мушкилоти дохилиашро дар хоки худ ҳал кунад.

Осим Мунир, фармондеҳи кулли неруҳои мусаллаҳи Покистон гуфтааст, ки ҳукумати "Толибон" дар Афғонистон миёни ҳифзи робитаҳо бо Исломобод ва пуштибонӣ аз Таҳрики Толибони Покистон бояд якеро интихоб кунад.

Баъзе аз расонаҳои Покистон, аз ҷумла Dawn гузориш додаанд, ки ӯ ин суханонро рӯзи 9-уми декабр дар аввалин суханронии худ ба унвони фармондеҳи кулли неруҳои мусаллаҳи Покистон баён кардааст.

Ӯ гуфтааст: "Ба режими "Толибон" паём дода шуд, ки ҷуз интихоби яке аз ин ду - "фитнаи хаворичӣ" ё Покистон ҳеч гузинаи дигаре вуҷуд надорад". "Фитнаи хаворичӣ" истилоҳе аст, ки мақомоти Покистон барои Таҳрики Толибони Покистон ба кор мебаранд.

Дар идомаи гузориш омадааст, ки ӯ ҳамзамон ба Ҳинд ҳушдор додааст, ки гирифтори худфиребӣ нашавад, зеро посухи баъдии Покистон аз ин ҳам зудтар ва сахттар хоҳад буд.

ҲУШДОР БА МУШТАРИЁНИ APPLE ВА GOOGLE

Ширкатҳои бузурги Apple ва Google ба муштариёни худ дар даҳҳо кишвар дар бораи таҳдидҳои ҳакерӣ огоҳӣ фиристодаанд.



Apple гуфтааст, ин ҳушдор рӯзи 2-юми декабр фиристода шуд, аммо дар бораи ҳамла ва шумори корбароне, ки ҳадаф қарор гирифтанд, ҷузъиёт надод.

Масъулони ширкат танҳо эълом кардаанд, ки то кунун ба корбарон дар бештар аз 150 кишвар огоҳӣ доданд.

Google рӯзи севуми декабр гуфт, ҳамаи корбаронеро, ки аз ҷониби нармафзори ҷосусии Intelleха ҳадаф қарор гирифта буданд, хабардор кард.

Ин ҳамлаҳо, ба иттилои масъулони ширкат, чандсад ҳисоб (аккаунт)-ро дар кишварҳое ба мисли Тоҷикистону Покистон, Қазоқистон, Ангола, Миср, Ӯзбекистон ва Арабистони Саудӣ дар бар мегиранд.

Intelleха ширкати иктишофии сайберист ва зери таҳримҳои ҳукумати Амрико қарор дорад, вале ба гуфтаи Google, "фаъолона ба кораш идома медиҳад".

Ин гуна ҳушдорҳо дар чанд соли охир боис ба таҳқиқ ё тафтишоти расмӣ дар чанд кишвар шудааст.

ФОҶЕА ДАР РАШТ

Чӣ тавр худро аз заҳри ангишт ҳифз кардан мумкин аст?



Дар Рашт як зану шаҳвар дар пайи заҳролуд шудан аз дуди ангишт ҷон бохтаанд. Аз Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани ҳодисаро тасдиқ мекунанд. Як манбаъ аз ноҳияи Рашт ба pressa.tj хабар дод, ки зану шавҳар Шоиста ва Муҳаммад ном доштаанд, 18 ва 25 сол доштаанд.

Ҳодиса шаби 5 ба 6-уми декабр дар деҳаи Кӯлобаи ҷамоати Қалъаи Сурхи ноҳияи Рашт рух додааст. Гуфта мешавад, ки Шоиста ва Муҳаммад ҳамагӣ ду моҳ пеш хонадор шудаанд.

"Субҳи 6-уми декабр наздикони домод дарро мекушоянд ва маълум мешавад, ки зану шавҳар аз дуди ангишт заҳролуд шудаанд. Онҳоро ба беморхона мебаранд, аммо зану шавҳар дар роҳ ҷон медиҳанд",- гуфт як манбаъ аз ноҳияи Рашт.

Мавриди зикр аст, ки бо фаро расидани ҳавои сард сокинони рустоҳои Тоҷикистон хонаҳои худро бо ҳезуму ангишт ва таппак гарм мекунанд. Вале ҳолатҳое ҳам мешавад, ки аз сабаби риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ боиси заҳролудшавӣ ва марги сокинон мегардад. Солҳои гузашта ҳам чунин ҳодисаҳо ба қайд гирифта шуда буданд.

Аз ҷумла, моҳи феврали соли 2024 шаш узви як хонавода бар асари заҳролудшавӣ аз дуди ангишт ё оксиди карбон дар Душанбе ба ҳалокат расида буданд. Айнан чунин ҳодиса дар ноҳияи Шаҳристон ҳам рух дода буд, ки 2 кӯдак ҷони худро аз даст дода буданд.

ТАВСИЯҲО БАРОИ ЭМИН МОНДАН АЗ ЗАРАРИ ДУДИ АНГИШТ

КҲФ тавсия медиҳад, ки дар ҳолати заҳролуд шудан аз дуди ангишт дар аввал сарчашмаи дудро хомӯш кардан лозим аст. Сипас тирезаҳоро кушода, мошини Ёрии таъҷилиро даъват кардан зарур мебошад.

- Бухориҳоро бо бензин, керосин ва дигар моеъҳои зуд оташгиранда наафрӯзед. Истифодаи онҳо метавонад боиси эҷоди дуд ва паҳншавии шуъла гардад;

- Ҳаргиз ҳезум ва дигар маводҳои оташгирандаро барои хушк кардан болои бухориҳо нагузоред. Либосҳои тарро дар либосовезҳо хушк кунед;

- Ҳаргиз дар бухорӣ дар ҳоли кушода будани дари он оташ гирон накунед. Бухориҳоро ҳангоми гарм кардани хона беназорат нагузоред;

- Ҳамеша дудбарои бухориҳои худро санҷед, онҳоро аз ҳар гуна дудаву дигар олудагиҳо тоза намоед, то боиси заҳролуд шудан аз гази карбон нашаванд;

- Ҷабрдидаро ба ҳавои тоза бароред;

- Бартараф кардани ҷараёни оксиди карбон. Ҳавои хучраро тоза кунед, дару тирезаҳоро кушоед ва хучраро тарк кунед;

- Ҷабрдидаро ба ҳавои тоза бароред ва нафаскашии кӯтоҳмуддатро таъмин кунед, баданро молед;


- Мошини Ёрии таъҷилиро даъват кунед;

- Агар ҷабрдида беҳуш бошад, нафаскашии сунъиро фавран то омадани Ёрии таъҷилӣ оғоз кардан лозим аст;

- Агар шумо ба заҳролудшавӣ аз оксиди карбон гумон кунед, ба духтури таъҷилӣ хабар диҳед. Агар ҷабрдида аз гази карбон ба худ омада, вале муддати тӯлонӣ беҳуш бошад, бояд фавран ба муассисаи тиббӣ интиқол дода, табобат карда шавад.

УТИЛИЗАТСИЯИ АККУМУЛЯТОР

Ҳадаф чист?



Дар Тоҷикистон барои воридоти аккумуляторҳои вазнашон аз 0,5 кг зиёд пардохти нобудсозӣ ё "утилизатсия" ҷорӣ мегардад. Дар ин бора Хуршед Каримзода, сардори Хадамоти гумруки Тоҷикистон зимни муаррифии тарҳи қонуни мазкур гуфтааст.

Ин тарҳ рӯзи 3-юми декабр аз ҷониби вакилон дар иҷлосияи Маҷлиси намояндагон баррасӣ ва қабул карда шуд.

Ҳаҷми пардохтҳо вобаста ба вазни аккумулятор чунин муқаррар шудааст:

- Аккумуляторҳои аз 0,5 то 10 кг - 37,5 сомонӣ (0,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо).

- Аккумуляторҳои аз 10,1 то 30 кг - 75 сомонӣ (1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо).

- Аккумуляторҳои зиёда аз 30 кг - 2 сомониву 60 дирам барои ҳар як килограм (3,5 фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо).

Ба гуфтаи мақомот, ҳадаф аз тағйиру иловаҳо "таъмини амнияти экологии ҷумҳурӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон, пешгирии зарари партовҳои хатарноки дар натиҷаи фарсудашавӣ ва истифодаи аккумуляторҳои барқӣ бавуҷудоянда" аст.

РЕЗААХБОР

Рӯзҳои 12 ва 13-уми декабр дар шаҳри Панҷакент бори аввал Ҷашнвораи байналмилалии санъати халқии "Сӯзании Панҷакент" баргузор мегардад. Ин чорабинӣ ба муносибати "Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ" эътироф гардидани Панҷакент доир шуда, дар доираи он намоишгоҳи бузурги сӯзанӣ ва намоишгоҳи ҳунармандони маҳаллӣ сурат мегирад.

***

8-уми декабр Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон бо сафири Британиё дар Душанбе Кетрин Сминтон дидору гуфтугӯ анҷом дод. Ҷонибҳо масъалаҳои тақвияти ҳамкорӣ дар мубориза алайҳи ҷиноятkории муташаккил, терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва таъмини амнияти минтақавиро баррасӣ карданд.

***

Хадамоти алоқаи Тоҷикистон бо нашри як иттилоия эълон кардааст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ шикоятҳои шаҳрвандон дар бораи зангҳои қаллобон, ки худро намояндаи ширкатҳои мобилӣ муаррифӣ мекунанд, зиёд шуда истодааст. Ба гуфтаи манбаъ, қаллобон бо занг ё SMS бо баҳонаи "фаъол кардани хизматрасониҳои нав" аз шаҳрвандон талаб мекунанд, ки рамзҳо, пайвандҳо ё маълумоти шахсии худро пешниҳод кунанд. Хадамот аз мардум хоҳиш кардааст, ки ба чунин зангҳо ва паёмҳои рамзталаби рақамҳои ношинос ҷавоб ва ҳеҷ гуна маълумоти шахсиро надиҳанд.

***

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ марде бо гумони латукӯби ҳамсараш, ки сабаби марги ӯ шудааст, боздошт гардидааст. Тибқи иттилои ВКД, гумонбар - марди 49-сола, ки қаблан низ бо моддаҳои 195 (тасарруфи мол) ва 244 (қаллобӣ) суд шуда будааст, 5-уми декабр дар манзили истиқоматиаш бо ҳамсараш баҳс кардааст. Мард занашро бо дасту по ва калтакчӯб сахт задааст.

***

Мақомот ду сокини шаҳри Истаравшанро барои сайди ғайриқонунии парандаи хушхони саъба 750 сомонӣ ҷарима кардаанд. Онҳо рӯзи 7-уми декабр дар минтақаи дашти Навоболи ҷамоати Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент ба шикори ғайриқонунии саъба машғул шудаанд.



МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ

ё достони ғаму шодӣ

Солҳои навадум барои мухтаво ва мундариҷаи тафаккури миллии тоҷикон имтиҳони бузург буд.

Вазъи бухронии саросарии давлат, ки дар он як миллат аксариятро ташкил медиҳад, мавзуи таҳқиқоти академӣ аст. Ба хотири муайян кардани омилҳо, оқибатҳои фоҷиабарангез ва эҳтимоли минбаъд бартараф кардани он.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ҳолати носолими вазъи ҷаҳонбинӣ, маънавиёти миллат касалии силро мемонад: *дар аввал ошкор кардани он душвор, аммо чун муайян шуд, табобаташ осон аст. Вақте ин касалӣ рӯй зад, ошкор шуданаш осон, аммо табобати он мушкил мегардад. Гоҳо оқибати кор ба мусибат анҷом меёбад.*

Муддати ҳазор соли бедавлатӣ, тоҷикон дар ҳолати ғуломигарии воқеӣ ва маънавӣ қарор доштанд.

Дар ҳафтод соли Ҳокимияти Шуравӣ, номи тоҷик тавассути чумҳурии мустақил доштан бо аломатҳои сиёсӣ маъруфият пайдо карда бошад ҳам, ба хотири кӯтоҳии замонӣ имкони ташаккули мафкураи миллиро надошт. Қишри муайяни дорои эҳсоси худшиносии миллӣ дар ақаллият буд.

Бояд донист, ки сохтор ва муҳтавои генетикии одамизод дар аксар вақт, ҳатто садсолаҳо бетағйир мемонад. Эволютсияи ҳақиқии захираи муҳтавоии нейронҳо, устувортарин ҷузъи организми инсонанд. Гарчанде аккамулятсияи дониш ва таҷриба асрҳо ба ин ҷузъиёти майнаи инсон таъсиргузоранд, бояд донист бошем, ки доираи фарогирии онон вобаста ба муҳити маънавӣ, дин, оин, иқлим, хосияти физиологӣ, дар маҷмуъ, генетикӣ, фазилати ҳамагонӣ надорад. Интихобӣ аст. Ва барои ҳамин дар ақаллият қарор дорад.

Дар ин маврид, сухан дар бораи сифат, мундариҷа, ахиран, муҳтавои ақаллият меравад. Оё он метавонад аксариятро, яъне ҷомеаро соҳибӣ кунад. Ё баръакс, мисли баъзе ба ном зиёиёни муайяни тоҷики солҳои навадум думрави таассубу хурофот гардад.

Ин фоҷиа, «сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб»-ро (Ҳофиз) бухрони солҳои навадуми асри гузашта рӯйи саҳна бароварда. Ворисони Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Тошхӯҷаи Асирӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров дар танҳоӣ монданд. Аз дасти онҳо кори шоиста наомад. Қисмати муайяни олимон, ки солҳо дар бағал санг доштанд, бо аҳли хурофот якҷо, аниқтараш думрав ва балегӯйи онон гаштанд.

Дар байни ин тоифа шахсиятҳои гуногун буданд. Яке сидқан, бо душманигарии яқин ба сохти Ҳокимияти Шуроҳо ба муллоҳои мутаассиб якҷо шуд. Дигарҳо дар ақидаи ниҳоии мансабталошӣ муътақид буданд, ки ифротиҳо бо идеологияи дар назар ҳамашумул ва пуштибонии геополитикӣ метавонанд қудратро ба даст оранд. Бад ин минвол, соҳибмансаб мегарданд. Узви қудрати сиёсӣ хоҳанд шуд. Як қисмати равшанигароён олимони ҳақиқӣ, аммо аз лиҳози сиёсӣ ниҳоят сода ва барои ҳамин ҳам осебпазир буданд.

Онҳо дар андак муддат, чун дуди хона ба порисаи хона расид, хатои худро фаҳмиданд. Пушаймон шуданд. Аммо аз рӯйи нангу номусе, ки хосси ин зумра буд, натавонистанд ваҳшати раҳгумии худро эълом доранд. Ба зиндагии одӣ ва оини пешин баргарданд. Дар ҳоле ки *«тозиёни бо онҳо бударо дигар ғами аҳволи гаронборон намонда буд»*.

Яке аз ҳамин қабил олимон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳими Мусулмониён ба шумор мерафт.

Ман ба тадқиқоти ин олими пухтакор аввали солҳои ҳафтодум, ҳангоми донишҷӯйӣ шинос будам.

Махсусан, монографияи ӯ оид ба санъатҳои бадеӣ дар адабиёти классикӣ ва асари машҳураш «Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва баъзе масъалаҳои тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ дар асрҳои X–XV» (1973), дар байни мо, донишҷӯён аз маъруфияти хос бархӯрдор буд.

Миёнаи солҳои ҳаштодум, замоне ки ман сарпарастии мактабҳои олии мамлакатро аз лиҳози салоҳияти хизматӣ ба дӯш доштам, бо меҳру муҳаббате, ки ба Раҳими Мусулмониён дар дил мепарваридам, ӯро суроғ кардам. Дар кафедраи адабиёти советии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон эшонро ёфтам.

Худро шиносондам.

Эътиқод ва эҳтироми хешро нисбат ба ин шахсияти бузург иброз намудам.

Баъдан, чанд муддат бо Раҳими Мусулмониён суҳбатҳои сарироҳӣ, аммо сидқӣ доштем.

Ӯ марди тахмин 50 - 55 сола, миёнақад, лоғарандом буд. Каме моил ба хамидагии қомат дошт. Ниҳоят хоксор, одӣ, суҳбаторо ва он чизе, ки эҳсос мекардам, аз худ як навъ содагии бар дилсофӣ ва покии инсонӣ асосёфта нишон медод, ки дар замири ӯ ҷойгоҳи зудбовариро заминагузорӣ намуда буд.

Профессор намегуфт, аммо ман итминон доштам, ки мисли ҳама инсонҳои пок ӯ дигаронро низ бофта аз матои худ гумон мекард. Иштибоҳи ӯро ҳам асос ҳамин буд.

Мусулмониёни сарсупурдаи илм ва адабиёт, ҳама вақт дар банди хаёлот ва таҳқиқоти эҷоди илмӣ мегашт. Чунин хислати олимона, бекина ва беғарази ӯ меҳру муҳаббати маро нисбат ба ин шахсият ва устоди камназир меафзуд. Бо ӯ суҳбат кардан, маънии хондани як китобро дошт.

Ҳангоми табаддулоти давлатии ифротгароҳо (моҳи майи соли 1992), Мусулмониён зери таъсири бархе аз зиёиёни воқеан дурӯя ва ғаразкор, ки боз чандин навъ бозиҳои пасипардагӣ доштанд, бо як содадилӣ гирифтори фитнаи онҳо шуд.

Боре баромади ӯро тариқи телевизион, ки акнун ба дасти ифротгароҳо афтода буд, тамошо ва бодиққат гӯш кардам. Медидам, ки чанде «ҳамкасбон»-и зираки муаллим худро паси шонаҳои ин содадил пинҳон карда, устоди номварро ба сифати «Плешнер» *(образи бадеии содадилонаи профессори олмонӣ дар филми «Ҳафтдаҳ лаҳзаи баҳор», ки боиси марги худи ӯ шуда буд)* истифода мекунанд.

Чун таҳти фишори Ҷабҳаи халқӣ ҳокимияти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор мегардид, ифротиёни ғосиб бо ҳар роҳу восита аз қаламрави Тоҷикистон ба хориҷа, аниқтараш ба Эрон фирор карданд.

Исломгароҳо аз асли мақсади гурехтан ба Эрон хуб огоҳ буданд.

Зиёиёни тоҷик, аз рӯйи эҳсоси эронияти – таърих ва фарҳанги муштарак, умумияти забонӣ ва тамаддунӣ, ки намунаи олии он барои мардуми форсизабон аҳаммияти умуминажодӣ доштани Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар бузургон маҳсуб мегардид, умед баста буданд ва ин кишварро қиблаи худ мешумориданд.

Маҳз бо ҳамин ҳиссиёт як зумра аз зиёиён роҳи Эронро пеш гирифтанд.

Раҳими Мусулмониён аз ҷумлаи ҳамин гумроҳҳо буд.

ГАВҲАРИ ВОЛОИ ВАТАНПАРВАРӢ

Тавре ишора шуд, мақсади аслии Сафорат дар Эрон ҳарчӣ тезтар алоқа барқарор кардан бо ҳамватанон ба шумор мерафт.

Роҳбарияти олии мамлакат дар назди дипломатҳо вазифагузорӣ карда, мехост ҷараёни сулҳро суръат бахшад. Эълон намояд, ки ҳокимияти конститутсионӣ ҳокимияти кулли мардуми тоҷик аст. Аз ҳамватаноне, ки новобаста аз кадом сабабе, аз ҷумла, дар алоқамандӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ба хориҷи мамлакат фирор кардаанд, пуштибонӣ мекунад. Омода аст бо онҳо муколама барқарор намояд, то мушкил миёни тоҷикон бо гуфтушунид ва якдигарфаҳмӣ ҳаллу фасл гардад.

Мо дар Теҳрон вазъиятро меомӯхтем. Аммо намехостем барои мухолифин ва кишвари иқомат масъала эҷод кунем. Бар ин ақида будем, ки бояд худи раванди воқеаҳо ва шароити зиндагӣ дар хориҷи мамлакат ҳамватанони моро ба хулосаи нек, ба тавофуқ биёрад.

Дари Сафорат барои ҳамватанон боз буд. Амалкарди намояндагӣ дар кулли самтҳо сурат мегирифт.

Бо гузашти се моҳи фаъолият дар Сафорат, профессор Раҳими Мусулмониён, ки акнун дар сафи мухолифин ба ҳисоб мерафт, ногоҳ ба навбатдори намояндагӣ занг зада, хоҳиши вохӯрӣ бо мушовирро кардааст.

Аз ин иттилоъ ман хурсанд шудам. Эҳсоси дӯстӣ ва ҳамватанӣ барои ҳар як нафаре, ки худро тоҷик ва тоҷикистонӣ мешуморад, аз Ватани худ умед дорад, волотарин ҳиссиётест, ки як умр инсонро пайгирӣ мекунад. Барои он ки одам хушбахт бошад, сарфи назар дар кадом нуқтаи олам зиндагӣ мекунад, бояд соҳибватании худро эҳтиром ва аз ин ҳиссиёт ифтихор намояд:

Ватан дар ҳар куҷо омад,
ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯйи уқёнус
бишнидам садои ту,
Агарчӣ дар миён тӯфону
мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман
садои рӯдҳои ту.

Ҳамеша бо Ватан будан, ҳамеша бо Ватан масрур, бузургтарин хислати ниёгону ҳамасрони мо буд ва ҳаст.

Тавассути телефон бо Р. Мусулмониён дар алоқа шудам. Ҷойи вохӯрӣ Сафоратро пешниҳод кардам.

Ростӣ, таклифи ман эҳтимолӣ буд. Нафароне, ки худро мухолифи ҳукумат медонистанд, аз Сафорат ва тамос бо кормандони он канора мечустанд. Албатта, сабабҳояш маълум. Аммо Мусулмониён:

– Ҳар ҷо Шумо салоҳ донед, он ҷо вомехӯрем, – гуфт ҷавонмардона.

Суҳбати мо дар Сафорат, дар ҳуҷраи кории ман қариб ду соат давом кард.

Дар аввал ман пурсидам:

– Домулло, дар Сафорат вохӯрданро ман бо шӯҳӣ пешниҳод кардам. Шумо наметарсед, рафиқонатон, ки ҳамагӣ мухолифи ҳукумат ҳастанд, баъд аз ин чӣ гумон мебаранд? Ҳукумати кишвари иқомат, ки ҳар қадами ману Шуморо, тибқи вазифаашон, пайгирӣ мекунанд, чӣ хулоса мебароранд? Ҳолу аҳвол ва иқомати ояндаи Шумо баъд аз ин чӣ мешавад?

Мусулмониён:

– *«Ҳар киро ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст?» – гуфта, бо масал посух дод.*

– Ба ҳар ҳол муаллим, ба манзалати «мухолиф» будани худатон шубҳа ворид кардед. Шояд дар ягон ҷойи номаълум вохӯрӣ мекардем, – гуфтам ман, санҷиши худро идома дода.

Воқеан, ман набояд фаромӯш мекардем, ки ин «ташриф» эҳтимол супоришӣ ҳам бошад.

Ин сухан ба Мусулмониён қатъиян хуш наомад.

Аз зермаънои сухани ман огоҳ шуд. Барошуфт:

– Шумо маро санҷида истодаед. Бояд бидонед, ки ман маҳз барои он ҷойи вохӯрӣ Сафоратро интихоб кардам, то ба шумо кормандони намояндагӣ фаҳмонам: ман ҳеҷ вақт хоини миллат набудам ва нестам. Лекин дар байни шумо ҳукуматиҳо, ки бовар мекунанд, мансаб медиҳанд, маоши калон таъйин ва ҳатто ба хориҷа равон мекунанд, то давлатро, манфиатҳои миллиро ҳимоя кунед, хоинон кам нестанд.

Инро гуфта, ба ман нигоҳи ҷиддии омӯзишӣ кард.

Ман чизе нагуфтам. Зеро ҳангоми кор дар шуъбаи илми Кумитаи давлатии бехатарии замони Шуравӣ, бо чанде аз дӯстон, устодони донишгоҳ ба ҳамин лаҳн гоҳо суҳбати «унвончӯ – оппонент»-ро мегузаронидем. Оқибат, якдигарфаҳмии мо боз ҳам мустаҳкам мешуд. Ҳамин шакли баҳс бо муаллимон Худоназар Асозода ва Абдулҳай Маҳмадаминов, ки аз дӯстони қарини ман шуданд, хос буд.

(Давом дорад)

Саймумин ЯТИМОВ

ФОРУМ

9-уми декабри соли равон дар шаҳри Душанбе дуюмин Форуми байналмилалии маъдан ва металлургияи кӯҳии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар он беш аз 20 ширкати бонуфузи кишвар ва 200 коршиносу сармоягузорони байналмилалӣ иштирок карданд. Форумро Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ифтитоҳ бахшид. Ҳадафи ин форум муаррифии имкониятҳои Тоҷикистон дар истихроҷ ва коркарди маъданҳо, густариши ҳамкории байналмилалӣ ва тақвияти иқтидори сармоягузорӣ дар ин соҳа мебошад.



ТОҶИКИСТОН ДАР ПАНҶГОНАИ БЕҲТАРИН

Аз рушди босуръати саноат то 100 имконият

ЗАХИРАҲОЕ, КИ БАРОИ САДСОЛАҲО КОФИЯНД

Тоҷикистон солҳои охир дар бахши саноат ба пешрафтҳои назаррас ноил шуда, рушди солонаи истеҳсоли саноатиро ба ҳисоби миёна 20 дарсад таъмин намудааст. Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон дар форуми мазкур гуфт, ки ин пешрафт асосан аз ҳисоби густариши истихроҷу коркарди маъданҳо, ҷалби сармояи хориҷӣ ва такмили инфрасохтор ба даст омадааст.

Ба таъкиди вазир, Тоҷикистон дорои захираҳои табиии ниҳоят бузург мебошад. Имкониятҳои мавҷуда барои рушди саноати кишвар дар “даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳои оянда” басанда мебошанд.

«Тоҷикистон бояд бо захираҳои минералии худ ҳамчун минтақаи муҳим ва стратегӣ шинохта шавад»,- гуфт Шералӣ Кабир. Ба гуфтаи ӯ, бо истифодаи технологияи муосир ва ҷалби маблағгузории калон кишвар метавонад ба бозорҳои ҷаҳонӣ металлҳо ва минералҳои ҳаётан муҳимро пешниҳод намояд.

800 КОН, ДАҲҲО НАМУД МЕТАЛЛҲОИ СТРАТЕГӢ

Дар ҷумҳурӣ 800 кону 200 пайдоиши маъдан ба қайд гирифта шудааст, ки зиёда аз 100 кон дар марҳилаи тарҳрезӣ қарор доранд. Дар Тоҷикистон беш аз 50 намуди маъдан истихроҷ мешавад. Аз қабили тилову нуқра, сурб, синк, сурма, волфрам, флюорит, унсурҳои нодири заминӣ ва сангҳои қиматбаҳо. Ба даҳгонаи металлҳои рӯйхати захираҳои ҳаётан муҳими Чин, Иттиҳоди Аврупо ва ИМА низ ҷой доранд, инҳо ворид мешаванд: мис, алюминий, литий, руҳ, сурма, никел, волфрам, графит, флюорит, унсурҳои нодири заминӣ.

Тавре дар форум таъкид шуд, захираҳои саноатии кишвар ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар бозори маъдан мустаҳкам месозанд. Ба иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, сурб - 1,8 млн тонна, синк - 4,7 млн тонна, нуқра дар ҳачми беш аз 100 ҳазор тонна Тоҷикистонро ба панҷгонаи кишварҳои пешсаф аз рӯи ин нишондиҳанда дохил мекунанд.

Ҳамчунин, кишвар дорои захираҳои бузурги германий, сурма ва симоб мебошад, ки Тоҷикистонро дар фазои пасошуравӣ ба мавқеи пешсаф мебарорад.

НАҚШАҲО ТО СОЛИ 2030

Бо ҳадафи афзоиши коркарди амиқи маъданҳо дар кишвар сохтмони як корхонаи коркард ва корхонаи истеҳсоли карбонати литий идома дорад. Ин иқдом Тоҷикистонро ба занҷири ҷаҳонии таъминоти металлҳои муҳими стратегӣ, махсусан барои истеҳсоли мошинҳои баркӣ, технологияҳои рақамӣ ва таҷҳизоти баландтехнологӣ пайваст мекунад.

Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода низ дар суханронии худ дар форум изҳор дошт, ки афзоиши солонаи саноати кишвар дар солҳои охир 20-22 фоизро ташкил медиҳад. Ҳадафи асосӣ то соли 2030 ду баробар афзоиши истеҳсоли саноатӣ, расонидани ҳиссаи бахши саноат дар иқтисоди миллӣ то 30 фоиз аст.

"Дар даҳсолаҳои охир суръати афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна аз 7 фоиз зиёд шудааст. Дар он афзоиши солонаи саноатӣ ба ҳисоби миёна тақрибан 20-22 фоизро ташкил медиҳад",- гуфт сарвазир. Ӯ илова кард, ки ин нишондиҳандаи хуб бо назардошти иқтидори бузурги мавҷуда мебошад.

ПЕШНИҲОДИ ШЕРАЛӢ КАБИР

Ҳоло саноати Тоҷикистон зиёда аз 90 самти истеҳсолӣ ва тақрибан 140 намуд маҳсулотро фаро мегирад. Танҳо истихроҷи металлҳои ранга ва қиматбаҳо ҳудуди 40 фоизи тамоми саноатро ташкил медиҳад.

Ба гуфтаи масъулон, кишвар омода аст бо ҷалби сармоя, татбиқи технологияи муосир ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ мавқеи худро дар бозори ҷаҳонии маъдан ва металлургия боз ҳам тақвият бахшад.

«Тоҷикистон бояд аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун минтақаи стратегии муҳим эътироф шавад»,- таъкид намуд Шералӣ Кабир.

Бо дарназардошти иқтидори бузурги геологӣ, захираҳои фаровони табиӣ ва сиёсати фаъоли саноатӣ, Тоҷикистон дар пайи он аст, ки солҳои наздик ба яке аз бозигарони муҳими соҳаи маъдану металл дар ҷаҳон табдил ёбад.

Бо назардошти иқтидори маъмурию геологӣ, дастрасии васеъ ба захираҳои табиии нодир ва сиёсати фаъоли саноатӣ, Тоҷикистон мақсад дорад мавқеи худро дар харитаи ҷаҳонии маъдан ва металлургия боз ҳам тақвият бахшад.



МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ОДАТИ ОДАМОНИ САРВАТМАНД

Сарват танҳо рақами пул нест, сарват тарзи фикр, одат ва фалсафаест, ки инсонро ба зиндагии пурбаракат мерасонад. Алиризо Озмандиён, тренери сатҳи ҷаҳонӣ таъкид мекунад, ки рӯзгори мо маҳсули андешаҳои мо аст, агар андеша дигар шавад, зиндагӣ низ дигар мешавад. Дар зер чанд одате оварда шудааст, ки дар зиндагии одамони сарватманд мавҷуд аст. Ҳар кас метавонад онҳоро барои рушди шахсӣ ва молиявӣ истифода намояд.

Якум, одамони сарватманд корҳоро ба таъхир намеандозанд. Алиризо Озмандиён мегӯяд: «Тафовут миёни афроди муваффақ ва номуваффақ дар тарзи истифодаи фурсатҳост». Одамони сарватманд кори имрӯзро ба фардо намегузоранд. Зеро медонанд, ки ба таъхир андохтани кор ё амале пешрафтро таъмин намекунад. Онҳо амал ва қарорҳои саривақтиро иҷро мекунанд.

Дуюм, одамони сарватманд бо дигарон робитаҳои васеъ барқарор мекунанд. Сарватмандон медонанд, ки муомилаи кунҷкобона бо мардум сарвати нав меофарад. Онҳо шабакаҳои қавии иҷтимоӣ ва касбӣ месозанд, бо фикрҳои нав, имконот ва неруҳои тоза ҳамроҳ мешаванд. Алиризо Озмандиён таъкид мекунад, ки «муваффақият кори дастаҷамъист». Яъне, такя ба команда муваффақият ва сарватро бештар мекунад.

Сеюм, одамони сарватманд идораи хуби вақт доранд. Воқеан ҳам, вақт сарвати бебаҳо аст. Озмандиён мегӯяд: «Касе, ки вақти худро идора карда натавонад, зиндагии худро идора карда наметавонад». Сарватмандон корҳоро афзалиятгузорӣ мекунанд, на ҳама чизро якбора ва бесамар иҷро менамоянд.

Чорум, одамони сарватманд орзу доранд ва барои он ҳадафгузорӣ мекунанд. Дар таълимоти Озмандиён орзу пояи ҳаракат аст. Одамони сарватманд орзуҳои бузург мекунанд, вале онҳоро ба ҳадафҳои мушаххас, бо тарозуи ақл баркашида ва муҳлатдор мубаддал месозанд. Яъне, орзу ба ҳадаф ва барнома ба амал табдил меёбад.

Панҷум, қобилияти омӯзиш доранд ва пайваста рушд мекунанд. Онҳо медонанд, ки арзишмандтарин моликият маърифат аст. Пайваста мутолиа мекунанд, дар семинарҳо ширкат мекунанд. Омӯзишро ҳеҷ гоҳ қатъ намекунанд. Тавре Озмандиён мегӯяд: «Инсон бояд ҳар рӯз аз худ чизе бисозад».

Шашум, одамони сарватманд бо сабру таҳаммул қарор қабул мекунанд. Онҳо мефаҳманд, ки қарори дуруст бехтарин сармоягузорӣ аст. Сабру таҳаммул ва андешаи солим ба онҳо имкон медиҳад, ки хатарҳоро амиқ таҳлил кунанд.

Озмандиён борҳо таъкид мекунад, ки муҳит қудратмандтар аз ирода аст.

Сарватмандон худро бо одамони мусбат, илҳомбахш ва кордида ҳамнишин мекунанд. Зеро онҳое, ки доим шикоят мекунанд, роҳи пешравиро мебанданд.

МАЪЛУМОТНОМА

Алиризо Озмандиён, тренери сатҳи ҷаҳонӣ ва шогирди сухангӯи муваффақ Ҷим Рон, ҳамчун бунёдгузори “Технологияи фикр” шинохта шудааст. Доктор Озмандиён беш аз 30 сол мешавад, ки дар кишварҳои гуногун барои шунавандагони зиёд оид ба моделҳои нави рушди тиҷорат, равишҳои стратегияи шахсӣ, худидоракунӣ, тарбияи тафаккури молиявӣ суханронӣ мекунад.



Усмон РАҲИМЗОДА

ФУРӮҒИ ХОТИРИ ГУЛНАЗАР



4-уми декабри соли равон дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ифтихори 80-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, муаллифи Суруди миллӣ, устод Гулназар ҳамоиши илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ҷойгоҳи Гулназар Келдӣ дар адабиёти муосири тоҷик» бо иштироки адабиётшиносону мунаққидон, адибону рӯзноманигорон, омӯзгорону донишҷӯён баргузор гардид.

Ҳамоишро муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳ **Ятимзода Содиқ Бақо** ҳусни оғоз бахшида, таъкид кард, ки Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар ба сифати яке аз шоирони тавонову соҳибистеъдод, навпардозу навовар бо ашъори рангин адабиёти тоҷикро ғанӣ намуда, ба поя̆ҳои баланд бардошт ва ба сатҳи маърифату маънавияти мардум такони хос бахшид.

Ӯ Гулназарро яке аз шоирони тавоно, соҳибистеъдод, соҳибқалам, соҳибназар, сермаҳсул, навпардоз ва навовар арзёбӣ намуд, ки бо ашъори рангин "адабиёти тоҷикро дар садаи XX дар давраи дигаргуниҳои куллӣ ва дастовардҳои тоза" бо эҷодиёти хеш ғанӣ намудааст.

"Устод Гулназар дар бисёр навъҳои адабӣ осоре дорад ва дар ин раванд ба офаридани намунаҳои назарраси зеҳнӣ ноил шудааст. Ашъораш натиҷаи ҷустуҷуҳои дақиқи ӯст, ки дар рангину пурбор шудани ҷаҳони зеҳнии тоҷикон ва инкишофи адабиёти муосири тоҷик саҳми шоиста доранд. Эҷодиёти устод Гулназар домани васеъ дошта, ӯ пеш аз ҳама муаллифи Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад",- гуфт номбурда.

Дар идома намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Суҳроб Рустамзода дар бораи нақши устод Гулназар дар рушди адабиёти тоҷик суханронӣ кард. Номбурда Гулназарро яке аз адибоне номид, ки ҳам бо осораш ва ҳам бо фаъолиятҳои ҷамъиятиаш дар таҳкими истиқлоли кишвар саҳм гузоштааст.

"Устод Гулназар дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда буданд. Пешниҳоди устод Гулназар аз ҷониби Конференсияи чумҳуриявии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон шуда буд, ки ин нишонаи бовару ихлоси ҷомеаи чумҳуриро ба ин шоири сарсупурдаи миллат ифода мекунад",- гуфт ӯ.

Муовини раиси ноҳияи Айнӣ **Фарҳод Мукаррамзода** Гулназарро аз шоироне арзёбӣ кард, ки Ватанашро бо тамоми ҳастиаш дӯст медошт ва дар ҳама ҳолат бо Ватан будан бароям мояи ифтихор буд.

Аз меҳри Ватан баски
сухан мегӯям,
Як ғунчаи хеш сад
чаман мегӯям.
"Мансур ба зери дор
аналҳақ мегуфт",
Ман дар таҳи шамшер
Ватан мегӯям.

"Шоир бо ҳамон ғурур ва исёни дил бо ҳарорат аз Ватан сухан мегӯяд ва ҳатто марги худро дар Ватан бемаргӣ медонад ва таъкид менамояд, ки лаҳзае, ки пуштаи гӯри инсон боло мешавад, ин маънои онро дорад, ки ту хоки ватанро як вақаб боло намудай. Ин аст марги пурифтихор дар Ватан ва зиндагонии абадӣ дар рагу шарёнҳои Ватан-Модар, миллат ва халқи азизаш, ки мефармояд:

Касе ҳаргиз намедонад,
ки роҳаш то куҷо пайдост,
Валекин дар Ватан мурдан
бувад бемаргии инсон.
Даме ки пуштаи ту
мешавад аз хок болотар,
Ту боло мекунӣ хоки
Ватанро як вақаб алъон".

- гуфт Фарҳод Мукаррамзода.

Муовини раиси ноҳияи Айнӣ ҳамчунин аз ифтитоҳи гулгашт ва муҷассамаи устод Гулназар дар маркази ноҳия бо иштироки Президенти кишвар дар таърихи 11-уми июли соли равон, таҷлили бошукӯҳи ҷашни шоир дар зодгоҳаш дар таърихи 20-уми сентябр ёдоварӣ кард.

Шоири халқии Тоҷикистон, раиси бахши суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматзод устод Гулназарро "шоири боҷасорат" ва "тарбиятдидаи устодони бузург" унвон кард. Ӯ ҳамчунин таъкид намуд, ки устод Гулназар на танҳо бо эҷодиёти арзишмандаш миёни ҷомеа, балки дар назди роҳбари давлат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру навоҳӣ низ обрӯву эътибор дошт.

"Ба ҷашни Рӯдакӣ равон будем. Раиси вилоят, банда, Карим Абдулов ва Абдулманнони Насриддин. Ҳамон шабу рӯзҳо барои иваз кардани Суруди миллӣ мақолаҳо чоп мешуд ва ба устод сангпартоиҳо идома дошт. Раиси вилоят аз чунин муносибат ба устод Гулназар изҳори нигаронӣ карда, аз мо пурсиданд, ки эшонро чӣ тавр дастгирӣ кунем? Ман пешниҳод кардам, ки китобашонро чоп кунем. Баъди як моҳ китоб чоп шуд...",- ба ёд оварад Аҳмадҷони Раҳматзод.

Донишманди маъруфи тоҷик, профессор **Абдунабӣ Сатторзода** дар мавзуи "Гулназар ва Лоиқ" суҳбат карда, бештар ба "назари Гулназари шоир ва ноқид ба шеъри устод Лоиқ" тамаркуз кард.

Ин донишманд Гулназарро дар шеър яке аз пайравони Лоиқ арзёбӣ намуд ва аз рисолаи "Лоиқе чун Лоиқе" мисол овард, ки Гулназар худро аз шоирони ҷавоне унвон кардааст, ки "аз шеъри Лоиқ шеъргӯйиро омӯхтаанд. Ё аз ӯ тарзи омӯзиш ва баҳрачӯйиро ёд гирифтаанд". Дар як суҳбат худи устод Лоиқ ба Гулназар гуфта будааст: "Ту аз ман баромадай...".

Пажӯҳиши профессор Сатторзода нишон додааст, ки "Гулназар аз адибони тоҷик беш аз ҳама ва беҳ аз ҳама дар бораи устод Лоиқ ва шеъри ӯ навиштааст...", вале Гулназар "дар нақди шеърҳои устод баъзан аз аслҳое кор мегирад, ки баҳсбарангез мебошанд".

Абдунабӣ Сатторзода мегӯяд: "Дар рисолаи "Лоиқе чун Лоиқе" Гуланзар менависад: "Ҳаёти эҷодии Лоиқро метавон ба ду давра тақсим кард: давраи аввал, даврае, ки Лоиқ шоир аст, то суханвар ва ин марҳиларо то чилсолагии ӯ таъриф кард; давраи дувум, даврае, ки Лоиқ суханвар аст, то шоир ва ин марҳила аз чиҳилсолагӣ то ба имрӯз идома дорад. Ин ҳолат аз ин сабаб ба миён омадааст, ки Лоиқ табиатан тасвиркор нест, аммо маънисози тавоност. Маънисозӣ суханвариро тақозо мекунад. Аз он шеърҳое, ки Лоиқ дар марҳилаи аввал навиштааст, бисёр хушам меояд, онҳо шоирона ва риндонаанд ва аз рангу бори косибӣ орӣ ҳастанд".

Ин бардошти Гулназарро профессор Абдунабӣ Сатторзода "иштибоҳӣ" медонад. Пас "сабаби чунин бардоштҳои иштибоҳии Гулназар аз шахсият ва шеъри устод Лоиқ, ки эътимоду эътиқоди фавқулодае дошт ва ҷойгоҳи олии ӯро дар шеъри муосири тоҷик такрор ба такрор эътироф намудааст, Гулназаре, ки ҳангоме мили автоматро камонбадастон ба пешонии Лоиқ рост карда буданд, фарёд карда буд, ки "Эй одамон, ин шоири миллат Лоиқ аст!", Гулназаре, ки вақте Лоиқро ба гӯр мемонданд, мегуфт: "Ман бояд он ҷо бошам, ба ҷойи Лоиқ!" дар чист?".

Ба андешаи профессор Абдунабӣ Сатторзода: "Иштибоҳи Гулназар, яқинан аз он сар задааст, ки ҳангоми нақди шеъри устод Лоиқ аз як қазияи сохтаи ба «шоир» ва «суханвар» тақсим намудани қаламкашон ба кор гирифтааст. Ва ин идомаи ҳамон қазияи сохтаи ба «шеър» ва «назм» ҷудо кардани каломи манзум аз тарафи Маликушшуаро Баҳор ва дигарон мебошад. Сониян, дар фарқи сабки шоирии Гулназар ва Лоиқ...".

Академик Носирҷон Салимӣ дар ин ҳамоиш осор ва шахсияти Гулназарро дар оинаи суннат ва таҷаддуд мавриди баррасӣ қарор дод: "Анна Ахматова дар суҳбати Александр Блок мегӯяд, ки як шоир шикоят мекунад, ки Блок барои шеърнависии ман монеъ мешавад. Блок дар посух мегӯяд, ки ҳеҷ гап не, ба ман Толстой халал мерасонад... Дар адабиёти имрӯзи мо ҳам шеър гуфтан, сухани бадеъ гуфтан бисёр мушкил аст. Аз Рӯдакӣ ба баъд то устод Лоиқ ҳама доди сухан додаанд. Ва касе, ки ба майдони адабиёт меояд, азоб мекашад, зеро бояд дар муқовимат бо ин бузургон сухан гӯяд ва барои муқовимат қудрат доштан зарур аст. Ба андешаи ман як қисм осори устод Гулназар, нақдашон, назарашон бисёр кӯшиши чиддии дар муқовимат эҷод кардан аст, дар муқовимат бо адабиёти классикӣ ва муосир. Ин бисёр сифати мумтози шоирӣ аст, ки бояд дар ҳамин муқовимат сухани худашро гӯяд, тасдиқи асолати суханашро дошта бошад. Устод Гулназар дар гуфтани фикр, дар сабқати сухангӯйӣ бо шоирони дигар ҷуръат доштанд. Фақат шоирони бисёр асил метавонанд, ки дар майдон ин гуна асптозӣ кунанд. Гулназар аз нигоҳи ман чунин шоир буданд".



Профессор **Матлубаи Мирзоюнус** дар маърӯзаи хеш, ки "Гулназар ва нақди адабӣ" ном дошт, масоили мубрами нақду адабиётшиносиро ба миён гузошта, таъкид кард: "Назари Гулназар ба нақди шеъри муосир комилан танқидист. Аз назари ӯ нақди адабӣ вазифаи худро дуруст ичро намекунад, аз ҷараёни адабӣ қафо мондааст...

(Давомаш дар саҳ. 11)

ДАСТОВАРД

МУКОФОТ БАРОИ САҲМИ АРЗАНДА

Ҳамасола 7-уми декабр дар Тоҷикистон Рӯзи кормандони мақомоти мол3ия таҷлил мешавад.

Ба ин муносибат вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаххорзода раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода ва муовини раиси Раёсат Сафарзода Рукминаро бо нишони фахрии “Аълочии молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардонид.

Ин мукофот барои фаъолияти назаррас ва саҳми арзанда дар рушду пешрафти кишвар, алалхусус соҳаҳои иқтисоди миллӣ супорида шудааст.





ОЗМУН



КИТОБХОНАИ «АМОНАТБОНК» ҒОЛИБИ ҶОЙИ АВВАЛ

Китобхонаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар даври ноҳиявии озмуни шаҳрии “Китобхонаи беҳтарин”, ки дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе баргузор шуд, иштирок намуда, байни корхонаву идораҳои давлатӣ дар бахши “Китобхонаи беҳтарини идоравӣ” ба гирифтани ҷойи якум мушарраф гардид.

Озмуни мазкур бо ташаббуси МИҲД-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо мақсади рушди устувори китобхонаҳо, таҳкими пойгоҳи моддиву техникии онҳо, густариши фарҳанги китобхонӣ дар оила ва ҷомеа, ҷалби мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани маънавиёти сокинони пойтахт доир мегардад. Ҳамзамон ин иқдом барои талқини арзишҳои миллӣ ва ташвиқи сокинон ба иштироки фаъол дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти фаъолият ва дастовардҳои назаррас дар самти тарғиби китобхонӣ, китобхонаи “Амонатбонк” дар вазъияти тантанавӣ бо Диплом сарфароз гардонида шуд.

“Амонатбонк” минбаъд низ ҷиҳати рушди фарҳанги китобдорӣ, ғанӣ гардонидани махзани адабӣ ва ҷалби бештари хонандагон ба китобхона иқдомҳои навро роҳандозӣ хоҳад кард.



ОЛИМПИАДА

МУАРРИФИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АМОНАТБОНК ДАР ОЛИМПИАДА

4-уми декабри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон олимпиадаи ҷумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид.



Ин чорабинӣ бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуд. Бахши намоиши маҳсулот ва хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ низ дар он ҷой дошт.



Амонатбонк дар қатори дигар ташкилотҳои қарзии кишвар дар намоишгоҳи мазкур иштирок намуда, ба меҳмонон ва ширкаткунандагон оид ба фаъолияти бонк, хизматрасониҳои гуногун ва имкониятҳои рақамии худ маълумоти муфассал пешниҳод кард.

Иштирокдорон вобаста ба маҳсулоти қарзӣ, навъҳои пасандозҳо, барномаи мобилии «Амонатмобайл», кортҳои бонкӣ ва дигар хизматрасониҳо саволҳо дода, ҷавобҳои дақиқу мушаххас гирифтанд.

Ташкил ва баргузории чунин чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифати молиявӣ, инчунин ба намоиш гузоштани маҳсулоти бонкӣ барои баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ нақши муҳим бозида, заминаи мусоид фароҳам меорад.

ИҚДОМИ СОЛИНАВӢ

ҚАРЗ БО ФОИЗИ ПАСТ

Амонатбонк ба мизоҷони худ қарз бо фоизи паст ва шароити қулай пешниҳод мекунад.

Маблағи қарз: то 50 000 сомонӣ.
Муҳлати қарз: то 36 моҳ.
Меъёри фоизи солона - 16%.
Меъёри фоизи моҳона - 1,3%.
Шартҳо:
Қарз то 30 000 сомонӣ - бе замин ва гарав.
Қарз то 50 000 сомонӣ - танҳо як замин лозим.
Муҳлати иқдом: то 31-уми декабри соли 2025.
Маълумоти бештар ва муроҷиат тавассути рақами кӯтоҳи 1885.
Шитобед ва аз ин имконият истифода баред!



ЗӮРОВАРИИ РАҚАМӢ НИСБАТ БА ЗАНОН

ва нақши ВАО дар пешгирии он

Бо ибтикори сомонаи Oila.tj ва “СММ - Занон” (Муассисаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон) дар доираи маъракаи “16 рӯзи мубориза бар зидди зӯроварӣ” санаи 8-уми декабр дар меҳмонхонаи “Hilton”-и пойтахт бо иштироки намояндагони ташкилотҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, коршиносон, журналистон ва блогерҳо дар мавзуи “Зӯроварии рақамӣ нисбат ба занону духтарон ва нақши ВАО дар пешгирии он” мизи мудаввар баргузор гашт.



ВАО ВА ЗУРОВАРИИ РАҚАМӢ

Дар чорабинӣ Марзия Байдуллоева - роҳбари “СММ - Занон” дар Тоҷикистон, Марҳабо Олимӣ - коршиноси Ташкилоти ҷамъиятии “Гендер ва тараққиёт”, Ҳасанзода Шаҳло - мудири шуъбаи робита бо ҷомеаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фирӯза Мирзоева - равоншинос, мутахассиси амнияти рақамӣ, Шаҳодат Соибназарова - дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, Фирӯза Сатторӣ - сармуҳаррири сомонаи Oila.tj, журналистон, коршиносон ва блогерҳо аз васоити гуногуни ахбори омма ширкат варзида, фикру андешаҳои худро дар боби зӯроварии рақамӣ нисбат ба бонувон баён намуданд.

МАВЗУИ ДОҒИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар оғоз Марҳабо Олимӣ дар боби аҳамияти технологияҳои рақамӣ дар пешрафти ҷомеа сухан ронда, таъкид намуд, ки технологияҳои муосир, махсусан зеҳни сунъӣ кору фаъолияти инсонро хеле осон гардонида, имрӯз дар тамоми соҳаҳо ба таври фаровон истифода бурда мешаванд, аммо дар радифи ҳазорон манфиат, мутаассифона хатарҳои зиёде низ дар пай доранд.

Яке аз чунин хатарҳои технологияҳои рақамӣ истифодаи аксу чеҳраи занону духтарон дар маводҳо ва наворҳои пастзанандаи шаъну шарафи инсон мебошад. Занону духтарони зиёде дар саросари олам дар фазои маҷозӣ ба намудҳои гуногуни зӯроварии рақамӣ, аз қабили шантаж, фиреб, кибербуллинг, кибersталкинг, туҳмат ва таҳдид гирифтор мегарданд, ки оқибатҳои ноҳушро дар пай доранд.

ҚОНУНГУЗОРӢ ТАКМИЛ МЕХОҲАД...

Марзия Байдуллоева, роҳбари “СММ - Занон” дар Тоҷикистон зимни баромади хеш таъкид намуд, ки соли равон маъракаи “16 рӯзи мубориза алайҳи зӯроварӣ” махсус ба зӯроварии рақамӣ нисбат ба занону духтарон бахшида шудааст, зеро ин масъала имрӯзҳо яке аз мавзуҳои доғи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

“Айни замон ҳудуди 1,8 миллард занону духтарон дар ҷаҳон бидуни ҳимояи ҳуқуқӣ аз зӯроварии рақамӣ зиндагӣ мекунанд, зеро дар 60%-и кишварҳои ҷаҳон қонунҳои махсуси ба мавзуи зӯроварии рақамӣ бахшидашуда вуҷуд надоранд. Заиф будани қонунгузорӣ, мавҷуд набудани механизмҳои дақиқи танзими ҳуқуқии ин масъала, имкони махфӣ мондан дар фазои интернет боиси он гаштааст, ки занону духтарони зиёде дар фазои маҷозӣ ба намудҳои гуногуни зӯроварии рақамӣ рӯ ба афзоиш ниҳодаанд ва ҳарчанд омори дақиқи худкушӣ бар асари зӯроварии рақамӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, байни дигар омилҳои худкушӣ, шояд нафароне низ бошанд, ки маҳз бо сабаби дар фазои маҷозӣ ба туҳмат, шантаж ва дигар намудҳои зӯроварии рақамӣ гирифтор гаштан даст ба худкушӣ задаанд...

КИҲО БЕШТАР ЗАРАР МЕБИНАНД?

Фирӯза Мирзоева, равоншинос ва мутахассиси амнияти рақамӣ дар мавзуи пешгирии зӯроварии рақамӣ маърӯза намуда, ба ҳозирин дар бораи шаклҳои зӯроварии рақамӣ, таъсири равонии он ба ҷабрдида ва роҳҳои пешгирии намудҳои гуногуни зӯроварӣ дар фазои маҷозӣ маълумот дод.

АЗ НАФРАТ ТО ТАҲДИД

“Аз нафрат то таҳдид: чӣ гуна бояд зӯроварии онлайниро эътироф ва қатъ кард?”. Чунин ном дошт маърӯзаи коршинос, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон Шаҳодат Соибназарова. Мавсуф ба ҳозирин дар бораи роҳҳои мубориза бо зӯроварии рақамӣ муфассал маълумот дода, таъкид намуд, ки дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи махсуси мубориза бо зӯроварии рақамӣ вуҷуд дорад ва шахсоне, ки ба ин ё он намуди зӯроварии рақамӣ гирифтор мегарданд, метавонанд ба ин ниҳод мурочиат намоянд.

ОҚИБАТИ ТАРС ВА ШАРМУ ҲАЁ



Таъкид шуд, ки ба зӯроварии рақамӣ бештар занону духтароне, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва фазои интернет фаъол мебошанд, гирифтор мегарданд. Аз ҷумла худи журналистон, блогерҳо ва ҳунармандон низ аз зӯроварии рақамӣ дар амон нестанд ва тез-тез дар фазои маҷозӣ мавриди таҳдид ва фишор қарор мегиранд.

Махсусан пайдоиши зеҳни сунъӣ хатари ба зӯроварии рақамӣ ва таҳдиду шантаж гирифтор шудани бонувонро ба маротиб афзун гардонидааст, зеро бо истифода аз зеҳни сунъӣ баъзан чунон моҳирона симои шахсро ба қавле дуздида истифода мебаранд, ки онро аз асл фарқ кардан хеле душвор аст.

Фирӯза Сатторӣ, сармуҳаррири сомонаи Oila.tj зимни суханронии хеш дар боби ҳассосияти ин мавзуъ дар ҷомеаи суннатии тоҷикона сухан ронда, гуфт, ки ҳарчанд дар Тоҷикистон қонуни махсуси ба зӯроварии рақамӣ бахшидашуда вуҷуд надошта бошад ҳам, қонунҳои дигари кишвар шаъну шарафи инсонро ҳифз менамоянд, вале мушкил дар он аст, ки аксари занону духтарони ба зӯроварии рақамӣ гирифторгашта аз тарси шармандашудан дар назди хешу табор ва аҳли оила ба ягон мақомот шикоят намекунанд.

“Кормандони милитсия ҳафтае қабл мардеро боздошт намуданд, ки бо роҳи шантаж ва таҳдиди паҳн намудани аксҳои маҳрамонаашон дар шабакаҳои иҷтимоӣ духтарони ноболиғро ба муносибатҳои шаҳвонӣ маҷбур мекардааст. Пештар низ чанд ҷавони дигар бо чунин ҷурм боздошт гашта, нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ оғоз ёфта буд. Агар ҷабрдидагон мурочиат намоянд, мақомот ҳатман аз паси санҷиши чунин ҳодисаҳо мешаванд, вале мутаассифона дар аксари ҳолатҳо занону духтарони ба зӯроварии рақамӣ гирифторшуда аз тарс ва шарму ҳаё ин розро то лаҳзаи охир пинҳон медоранд ва бархе чораи дигар наёфта, барои халосӣ аз ин гирдоб даст ба худкушӣ мезананд”,- гуфт Фирӯза Сатторӣ ва аз ҳамкасбони хеш даъват ба амал овард, ки бештар сари ин мавзуҳо бигӯянд, то маърифати рақамии ҷомеа боло рафта, роҳҳои мубориза бурдан бо кибербуллинг, таҳдид, шантаж ва дигар намудҳои зӯроварии рақамиро мардум омӯзанд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Дар охир байни иштирокчиёни чорабинӣ ва коршиносон саволу ҷавоб сурат гирифта, пешниҳодҳои зерин ироа гаштанд:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонун дар бораи пешгирии ҳама намудҳои зӯроварӣ” вуҷуд дорад, вале қонуни мушаххасе, ки ба кибербуллинг, шантаж, туҳмат ва дигар намудҳои зӯроварии рақамӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад. Аз ин рӯ пешниҳод шуд, ки дар қонунгузории кишвар вобаста ба зӯроварии рақамӣ бахши алоҳида ворид карда шавад.

2. Стратегияи мубориза бо зӯроварии рақамӣ таҳия ва пешниҳод карда шавад.

3. Гузаронидани маъракаи саводи расонаӣ байни занон ва духтарон.

4. Ташкил ва баргузор намудани тренингҳо бо иштироки блогерҳо ва журналистон дар мавзуи зӯроварии рақамӣ.

5. Гузаронидани як маъракаи бузурги иттилоотӣ дар бораи роҳҳои мубориза бо зӯроварии рақамӣ як амри зарурӣ мебошад.

ВАҚТЕ БАЪЗЕ РОНАНДАГОН БЕМАСЪУЛИЯТАНД, ОЁ IRS ГУНАҲҚОР АСТ?

Масъулини ширкати IRS, ки тибқи шартномаи конссесионӣ бо Ҳукумати мамлакат нигоҳдориву хизматрасонии роҳи Душанбе - Чаноқ ба зиммааш вогузор аст, борҳо таъкид намудаанд, ки маҳз бетафовутии як идда ба тавсияҳои мо дар бобати бе омодагии ҷиддӣ сафар накардан, худдорӣ намудан аз сафар бо воситаҳои нақлиёте, ки тири пешбар надоранд, ба ҷой овардани эҳтироми ҳамдигар, аз ҷумла ба муқобили самти ҳаракат набаромадан боиси ба вуҷуд омадани танбашавӣ дар роҳи Душанбе-Чаноқ мегардад.



Чунин ҳолат рӯзи гузашта низ ба амал омада, раванди тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди онро бо маводи зиддилағзиш то андозае ба мушкил мувоҷеҳ намуд. Табиист, ки дар чунин ҳолат ашхоси аз асли масъала ногоҳ, онҳое, ки сабабу омилҳои ба вуҷуд омадани танбашавии воситаҳои нақлиётро намедонанд, борони маломат сари филиали Ширкат мерезанд.





Нигаронии ҷиддии масъулини IRS аз он аст, ки бинобар бемасъулиятии як идда ронандагон техникаҳои пуриқтидори филиали Ширкат наметавонанд сари вақт ба маконе, ки дар он ҷо боридани барф шадид аст, сафарбар шаванд.

Мутаассифона, ҳастанд нафароне, ки гуфтаҳои мазкурро ҷиддӣ қабул накарда, аксар маврид онро худсафедкунӣ арзёбӣ менамоянд.

- Баъзеҳо иддао доранд, ки чун роҳи Душанбе - Чаноқ пулакӣ аст, бояд 24 соат кушода бошад. Андешае, ки ба он наметавон розӣ шуд, зеро филиали Ширкат дар баробари дигар уҳдадориҳо, барои таъмини бехатарии ронандагону мусофирон низ масъулият дорад. Ба ибораи дигар, мо наметавонем дар рӯзҳое, ки хавфи тармафарӯ хеле зиёд аст, бо иҷозаи ҳаракат додани гузариши воситаҳои нақлиёт ҳаёти ҳамватанонамонро зери хатар гузорем,- таъкид карданд масъулини ин ширкат.

Бинобар ин, давоми 4 соли охир дар асоси тавсия, пешгӯӣ ва хулосаи Вазорати нақлиёт, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бозрасии давлатии автомобилӣ дар сурати зиёд будани хавфи тармафарӯ ҳаракати воситаҳои нақлиёт муваққатан боздошта мешавад.

Вобаста ба ҳолати зикршуда бори дигар аз ронандагон чунин тақозо мешавад:

- ҳангоми сафар қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро қатъиян риоя намоед, аз ҷумла ба ҳеҷ вачҳ ба самти муқобили ҳаракат набароед;

- мошини худро ҷиддӣ ташхис кунед, то нуксе надошта бошад;

- раванди нерӯдиҳии аккумуляторро низ санҷед;

- чарҳҳои барои истифода дар мавсими гармо пешбинишударо бо чарҳҳои зимистона иваз кунед;

- мошинҳои боркаш, хоса автомобилҳои боркаши ядакдор ва фураҳоро бо занҷиру дигар василаҳои зидди яхбандӣ муҷаҳҳаз намоед;

- бо суръате мошин ронед, ки бехатариро дар чойҳои сермошину серодам, назди мактабҳо, хамгаштҳо, пулҳо ва нишебиҳо таъмин сохтан имконпазир бошад;

- ҳангоми ҳаракат дар роҳҳои кӯҳӣ дар қиёс бо дигар масир масофаро бештар риоя кунед, хеле дур аз мошинҳои дигар ҳаракат намоед, то дар ҳолати зарурӣ тавонед мошини худро бехатар нигоҳ доред;

- тавсияҳои кормандони мо, мутахассисони БДА ВКД ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданиро дар мавриди муваққатан маҳдуд намудани ҳаракати мошинҳо дар қитъаҳои ҷудогонаи роҳ ҳангоми мавҷудияти эҳтимолияти лағзиши тарма, сангрезӣ ҳатман риоя намоед.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, иловатан аз ронандагон хоҳиш менамоем, ки бидуни омодагие, ки фасли сармо тақозо дорад ва бо автомобилҳое, ки тири пешбар надоранд, ба роҳ набароянд, зеро дар баробари он ки худашон ба мушкил мувоҷеҳ мегарданд, ҳамзамон ба ҳаракати дигар воситаҳои нақлиёт монеа эҷод менамоянд.

Кормандони IRS боварӣ доранд, ки ронандагон ба иқдомоти филиали Ширкат, ки идомаи мантиқии ибтикори дар самти таъмини ҳаракати муназзаму бехатари воситаҳои нақлиёт қаблан амалишуда маҳсуб мешавад, дар заминаи ҳамдигарфаҳмӣ муносибат хоҳанд кард.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

ФУРӮҒИ ХОТИРИ ГУЛНАЗАР

(Аввалаш дар саҳ. 8)

Омӯзиши вазъи танқиди шеър ӯро ба хулосае овард, ки «мо мунаққидони шеърдону шеърфаҳм кам дорем ва ё умуман надорем”.

Матлубаи Мирзоюнус пешниҳодҳои Гулназарро дар масъалаи рушди нақди адабӣ, аз ҷумла “Нақди адабӣ бояд аз дурӯягиву ошнобозӣ, хотирбиниву маҳалгароӣ озод бошад”, “Нақди адабиро бояд ба илм табдил диҳем, вагарна баёни мавзуи шеъру тавсифҳои бепоя илм нест”, “Бояд барои бехтарин мақолаи илмӣ ва тақризҳо мукофот таъсис дода шавад...” мавриди баррасӣ қарор дода, худ суолгузорӣ кард: “Бо чӣ роҳҳое нақди адабиро аз ошнобозиву хотирбиниву маҳалгароӣ бояд озод кунем? Чӣ гуна нақди адабиро ба илм табдил диҳем? Оё мо донишгоҳ ё шуъбае дорем, ки мунаққиди адабиро тайёр кунад? Кӣ барои тайёр кардани мунаққидон масъул ва ҳавасманд аст? Кадом муассиса барои бехтарин мақолаи танқидӣ ва тақриз мукофот медиҳад?”. Посухи ин суолҳо ва ҷустани роҳи ҳали онҳо ба назари Матлубаи Мирзоюнус барои рушди нақди адабӣ муҳим мебошад.

Доктори илми филология, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови АМИТ дар ВМКБ **Ҳоким Қаландариён** дар суханронии хеш Гулназарро аз шоирони навовар ва навпардоз дар адабиёти муосири тоҷик унвон кард, ки дар сурудани ҳамаи анвоъи шеър дасти боло дорад.


Дар идомаи ҳамоиш пажӯҳишгарон дар бораи шахсият, шеър ва ҳунари адабӣ, наср, публитсистика ва нақди адабӣ, тарҷумашиносӣ ва забону баёни осори Гулназар суханронӣ намуданд.

Ҳамчунин, дар ин ҳамоиш ду китоб рӯнамоӣ шуд. Китоби аввал “**Ватани ишқ**” унвон дошта, маҷмӯаи ғазалиёти устод Гулназар мебошад. Ғазалиёти ин маҷмӯаро қабл аз маргаш худи шоир барои силсилаи “Сад барги ғазал” интихоб карда, ба профессор **Нуралӣ Нурзод** супорида буд. Инак, он дар 248 саҳифа, бо пешгуфтори муфассали ин пажӯҳишгари шинохта, ки соли равон “Девон”-и шоирро низ чоп карда буд, аз тарафи нашриёти “Ношир” ба чоп расид. Китоби дуюм маҷмӯаи мақолаҳои ҳамоиши илмӣ таҳти унвони “**Эъҷози Гулназар**” аст, ки онро адабиётшиноси шинохта **Субҳони Аъзамзод** гирдоварӣ ва таҳия кардааст.

Ҳамоиши мазкур бо чаҳор мисраъ шеър аз шоир ва донишманд Нуралӣ Нурзод, ки бадоҳатан дар рафти ҷаласа эҷод шудааст, хотима ёфт:

Субҳе, ки дамида аз
чароғи дигар аст,
Ҳар як нафаси рӯз
шарофатасар аст.
Ин давлати бедор дар ин
маҷлиси хуб,
Файзе зи фурӯғи хотири
Гулназар аст.

Одил НОЗИР,
Душанбе - Хуҷанд



ЭНЕРГИЯ АЗ КАДУ

Аксарият ба каду назарногирона менигаранд, вале дар таркиби ин сабзавоти одӣ моддае бо номи карнитин мавуд аст, ки ҷисми моро саршор аз нерӯ ва энергияи нав мегардонад.

Каду ҷисми инсонро аз дарун тоза карда, ифлосиҳо (шлаки)-ро мебарорад ва кори майнаи сарро ба низом медарорад.

Каду дар таркибаш ҳамчунин витамини К дорад, ки барои мубодилаи моддаҳо ва фаъолияти бонизоми гурдаҳо бениҳоят зарур мебошад. Бартарии дигари каду он аст, ки дар таркибаш ба миқдори зиёд алфа ва бета-каротин дорад. Ин моддаҳо барои биноии чашм, рушди ҳуҷайраҳо ва пурқувват шудани системаи муҳофизатии организм, яъне иммунитети инсон бениҳоят зарур мебошанд.

Ҳамагӣ ним истакон шарбати кадуро бо ду қошуқ асал омехта карда нӯшед, асабро ором намуда, ба шумо эҳсоси фараҳу шодӣ мебахшад.

Ба шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд ё сатҳи холестерин дар хунашон баланд аст, хӯрдани донаки каду маслиҳат дода мешавад.

Кадуро дар бисёр намуди таомҳо истифода бурдан мумкин аст. Ҳоло ки зимистон аст ва каду фаровон мебошад, бештар мантуи кадугӣ пухта хӯред ва аз каду ҳар хел хӯрокҳои лазиз омода намоед, то ки аҳли хонадони шумо солиму бардам гарданд.

ЗУКОМ

7 роҳи мубориза бо он



1. ДАСТОНАТОНРО ШӮЕД

Қабл аз истеъмоли хӯрок, баъди аз кӯча ё ҷойҳои ҷамъиятӣ ба хона омадан ҳатман дастони худро шӯед. Бо обу собун шумо аз вирусҳои қабати пӯсти дастонатон халос мешавед. Дар як рӯз 2-3 маротиба дастонатонро муддати 20 сония шӯед, хусусан байни ангуштонро нағзакак собун занед. Баъди шустани дастон бо сачоқи коғазин ё дастмол хушконед.

2. БЕ ТАВСИЯИ ТАБИБ АНТИБИОТИК НАХӮРЕД

Сабаби асосии пайдоиши бемории зуком ва грипп вирус мебошад ва танҳо дар баъзе ҳолатҳо ангезандаи он микробҳо буда метавонанд. Доруворихои антибактериявӣ вирусро нобуд намесозанд. Сабаби сар задани беморӣ ва антибиотики мувофиқро барои шумо танҳо табиб муайян карда метавонад. Худтабобаткунӣ манъ аст ва аксаран боиси тӯл кашидани беморӣ ва оқибатҳои ногувори он, хусусан дар кӯдакон ва нафарони калонсол мегардад.

3. СИРПИЁЗУ ПИЁЗ ВА ЧАЙҚОНИДАНИ ГУЛӮ

Дар сурате, ки ҷараёни илтиҳоб аллакай фаро расида бошад, гармидиҳии иловагӣ сабабгори паҳншавии сироят ва бештар тӯл кашидани беморӣ мегардад. Сирпиёз ва пиёз ба пардаҳои луобӣ зарар расонида, қобилиятҳои муҳофизатиро заиф мегардонанд. Андешаи он, ки малҳамҳои барои бинӣ муқарраршуда аз сироятёбӣ ҳифз мекунанд, комилан ғалат аст. Баръакс, малҳам мӯякҳои муҳофизатии дохили биниро ба ҳам часпонида, барои ворид шудани вирусҳо имкон фароҳам меорад.

4. ҲАВОИ ХОНАРО ТОЗА КУНЕД

Агар дар хона ё ҷои кор нафари бемор қарор дошта бошад, тоза кардани ҳавои утоқ кори ҳатмӣ аст. Тамоми рӯз кушода мондани тиреза лозим нест, зеро гармохунукшавӣ вазъиятро бадтар сохта, шумораи беморон бештар мегардад. Дар як рӯз 2-3 маротиба муддати 10 дақиқа ҳавои хонаро тоза кунед, кифоя аст. Ҳавои тоза вирусҳоро аз утоқ берун месозад.

5. АЗ ХОБ СЕР КУНЕД

Халал ёфтани реҷаи хоб ба қувваҳои муҳофизатии организм таъсири манфӣ мерасонад. Вояи муътадили хоб барои як шабонарӯз 8-8,5 соатро дар бар мегирад. Дар баробари ин, фаромӯш насозед, ки аз соати 22:00 то 23:00 шумо бояд аллакай дар бистари хоб қарор дошта бошед. Сабаб дар он аст, ки ҳормонҳои барои фаъолият ва саломатии ҷисм муҳим шабона ҳангоми хоб синтез мешаванд.

6. БЕШТАР САЙР НАМОЕД

Сайругашт гуфта, марказии савдо, мағоза ва дигар ҷойҳои маҳкаму дохили биноҳоро дар назар надорем. Ҷойи мувофиқ барои сайругашт боғ ва хиёбонҳои истироҳатӣ аст. Ҳатто сайругашти 20-30-дақиқагӣ дар ҳавои тоза масуниятро мустаҳкам месозад.

7. ПАРҲЕЗ НАКУНЕД

Дар фасли сармо худдорӣ аз хӯрокҳои серғизо кори нодуруст аст. Аксарият ҳангоми парҳез ба витамину иловаҳои парҳезӣ (БАД) рӯ меоранд. Ба диққати чунин афрод мерасонем: Фаромӯш насозед, ки иловаҳои парҳезӣ ва витаминҳо, ғизоҳои сариҳӣ ҳеҷ гоҳ ҷои сафедаву чарб ва карбогидратҳои табииро намегиранд. Ғизои комил истеъмол намоед, он ҳангоми мубориза бо бемориҳо ва мубодилаи муътадили моддаҳо муҳим аст. Ҳатман ба хӯроки худ гӯшт, моҳӣ, тухм, шир ва маҳсулоти ширӣ, кабудӣ ва сабзавоти мавсимиро илова намоед.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта табъатон хушу болида мегардад ва барои беҳтар сохтани вазъи зиндагӣ бисёр корҳоро ба анҷом расонида метавонед. Пешравии корҳоятон аз муҳити орому осудаи оилавӣ вобастагии калон дорад.



Савр
21.04 - 21.05

Нафароне, ки дар мучали савр ба дунё омадаанд, аз пештара дида мулоимтабиат мегарданд. Ин феълатон дар лаҳзаҳои душвортарини зиндагӣ кумак мерасонад. Бештар ба саломатии худ диққат дихед, нотоб шуданатон имконпазир аст.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Агар вақтҳои охир корҳоятон хуб ҷараён намегирифтанд, айни замон ҳама чиз роҳи ҳалли худро меёбад. Бо нафароне, ки ба шумо халал расонидан мехоҳанд, забон меёбед. Дар ҳама ҳолат бо-одобона рафтор кунед, ба макру фиреб роҳ надиҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар зиндагии худ тағйирот ворид намоед. Дар корхона масъалаи зиёдшавии маошро кундаланг гузошта, бурд мекунед. Бо ҳамсаратон дар ҳама масъалаҳо забон ёфтанатон осон мегардад. Харидани либос ё ашёе, ки кайҳо боз дар нақша доштед, муяссаратон мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Ба ҳар ҳодисае, ки дар ин рӯз рух медиҳад, оромона назар намуда, фикри фардоро накунед. Ба муносибатҳои ошиқонаатон хатар таҳдид мекунад. Рафту шумо зани шавҳардор бошед, нофаҳмиҳои бо шавҳаратон рухдодаро фаромӯш кунед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Сарчашмаи ногаҳонии даромади пулӣ имконпазир мегардад ва аз васеъ гаштани имкониятҳои худ шод мешавед. Барои нафароне, ки бо илмомӯзӣ машғуланд, давраи мусоид фаро мерасад. Агар имкони ба сафар баромаданро дошта бошед, вазъиятро аз даст надихед.



Мизон
25.09 - 22.10

Пешниҳоди нави корие, ки рӯзи душанбе мегиред, диққати шуморо ҷалб сохта, нақшаҳоятонро тағйир медиҳад. Маблағи худи пулӣ ба даст меоред, вале заҳмати зиёд кашиданатон лозим мешавад. Муносибатҳои ошиқонаатон чандон хуб чараён намегиранд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои ақрабҳо чандон ҳафтаи бобарор нест ва ҳар қадаре кӯшиш ба харҷ надиҳед, вазъиятро ба хости дили худ ислоҳ карда наметавонед. Дар нақшаҳои корӣ тағйирот ворид насозед. Вазъи молиявиатон чандон мусоид нест, вале ин муваққатӣ аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Қисми зиёди вақтатон бо масъалаҳои манзилӣ сарф мегардад. Охири ҳафта мушкиле сар мезанад, ки зуд рафъ карданаш лозим меояд. Аз он ки дар зиндагиятон муҳаббати нав пайдо мешавад, шод мегардед. Ҳама гуна тағйирот боиси табъи болидаатон мегардад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта кӯшиши зиндагии осоишта кардanатон беҳуда аст. Воқеаҳо чунон зуд тағйир меёбанд, ки чӣ гуна амал кардани худро намедонед. Аслан шуморо дар ҳолати ногувор гузоштан осон нест, вале айни замон парешонхотир гашта, худро гум мекунед.



Далв
21.01 - 19.02

Нафароне, ки дар мучали далв ба дунё омадаанд, аслан ба мушкилоти ночиз диққат намедиҳанд ва ҳамеша роҳи аз он халосӣ ёфтанро пайдо месозанд. Мутаассифона, аз камбудиҳои хурде, ки аз ҳар тараф пайдо мешаванд, асабӣ мешавед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта ҳутҳо аз пештара дида дурандештар мегарданд. Бонувон дастгирии молиявии шавҳарро эҳсос намуда, барои худ либосҳои зебо ва барои хона чиҳози даркорӣ харидорӣ менамоянд. Ҳамзамон дӯстону шиносон кумаку дастгирии худро дареғ намедоранд.

ОЛИҲАЕ АЗ ТАБОРИ МУНЗИМ



Номи неку осору пайкори яке аз аввалин наттоқи телевизиони тоҷик Луъбат Бурҳоноваро ҳоло дар арафаи санаи мубораки 90-умин солгарди чашм ба олами ҳастӣ кушоданаш ёдовар бояд шавему бидонем, ки ӯ баҳри рушди яке аз соҳаҳои басо муҳими ҳаёти фарҳангии мо чӣ корҳоеро ба сомон расонидааст!

Сараввал бояд бигӯйем, ки ӯ кист? Аз кадом табор аст?

Бурҳонова Луъбат Раҳимовна духтари ягонаи Бурҳонов Раҳим Мунзимович - разведкачии машҳури советӣ, устоди Институти педагогии Душанбе (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ), набераи яке аз симоҳои маърифатпарвари Бухорои охири асри 19 ва ибтидои 20, ҳаммаслаку ҳамсафи бузургоне чун Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ, Мирзо Абдулвоҳид Бурҳонзода Мунзим мебошад. 15-уми декабри соли 1935 дар Сталинобод (Душанбеи имрӯза) таваллуд шудааст.

Солҳои 1943-53 дастпарвари мактаби миёнаи духтаронаи рақами 10-и шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе). Солҳои 1953-58 донишҷӯйи бахши тарҷумонии факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). Донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуда, солҳои 1958-59 ба ҳайси лектори ҷамъияти “Дониш”-и назди Академияи фанҳои Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои донишшҷӯйӣ узви фаъоли дастаи ҳаваскорони санъати донишгоҳ буда, соли 1956, дар соли сеюми таҳсил, дар барномаҳои консертии ҳафтаи азназаргузаронии дастаҳои ҳунарии донишҷӯии умумииттифоқӣ бо иҷрои рақси дилошӯб хотири ҳаводоронро масрур сохтааст. Подоши ҳунараш бо Грамотаи фахрии Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон қадрёбӣ гардидааст. Соли 1957 бошад, дар Фестивали умумиҷаҳонии ҷавонон дар Москва иштирок кардааст.

Аз соли аввали таъсиси Телевизиони Тоҷикистон ин қаҳрамони мо ҳаёту фаъолияти пурсамари худро ба рушду нумуъи он бахшидааст. Аввал ба сифати ёвари коргардон ва сипас аз моҳи майи соли 1960 ҳамчун наттоқ 24 соли умри бобаракати худро сарфи ин пешаи хело масъул намудааст. Солҳои 1984-89 ровии барномаҳои Радиои Тоҷикистон будааст. Чуноне дар мусоҳиба бо хабарнигор Валиҷон Баёнӣ иброз намудааст: “Телевизион хонаи аввалини мо буд...”. Ин шаҳодати он аст, ки насли аввали наттоқон барои то ба тамошобини оилаи нилгун расонидани мақсаду мухтавои ҳар як барнома чӣ заҳматҳоеро ба харҷ медодаанд, зеро тахассуси наттоқӣ талаботи хосаи худро дорад. Саҳлангориро намеписандад. Ҳар як матне, ки бояд ба самъи бинандаи оинаи нилгун ва ё шунавандаи радио бирасонӣ, банду басти хосаро мехоҳад...

Луъбатбону Бурҳонова ва ҳамтоёнаш тавассути симоҳои дилрабою нутқи гӯё ба намоишҳои телевизионии мо ҷолибияту ҷаззобиҳо зам намудаанд. Бо такя ба ҳунари суханварии онҳо мардум аз асолату назокати забони шевои адабии тоҷикӣ бархӯрдор шудаву дилбохтаи он гаштаанд. Меҳри сахангӯйӣ ва интихоби ин касби пурифтихорро ҷавонони он замон дар қалбашон ҷойгир сохтаанд. Луъбатхонум дар телевизион барандаи барномаи иттилоотии “Ахбор”, ровии намоишҳои сиёсӣ, адабӣ, идона, ҷашнӣ, мустанад ва кӯдакона буда, барои хотирмону пуртароват гардидани онҳо заҳмати зиёд ба харҷ додааст. Зеро ҳар як барнома ва ё намоиши хоса сабку услуби нигориш ва пешниҳоди худро дорад ва аз ровӣ маҳорати махсусро тақозо менамояд. Ва ӯ муваффақ шудаасту ба дилу дидаи пиру барнои кишвар маскан гирифтааст.



Ба ҳунару маҳорати маҳфилороии Луъбат Бурҳонова дар барномаҳои телевизионии ҷашнӣ ва консертҳои идонаи дар Душанбею Москав ва дигар шаҳрҳои Иттифоқи Советӣ баргузоршуда ҳамкасбону ихтисосмандони соҳа ва мухлисон баҳои баланд гузоштаанд. Ҳар боре дар назди насли калонсол номи ӯро ба забон орем, аз санъати барандагияш бо Мақсудҷон Икромов дар барномаҳои ҷамъбастии Озмуни чумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Бӯстон” дар солҳои 1973-75 ёдовар шуда, эҳтиромашонро нисбати ҳунари дилнишини онҳо баён месозанд. Ҳамкорону ҳаводорони ҳунараш ӯро ба некӣ ба ёд меоранд. Аксҳои гӯё аз раванди пешниҳод ва таҳияи барномаҳои хосаи адабӣ ва адабӣ-мусиқӣ бо шахсиятҳои маъруф, ба мисли устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Туҳфа Фозиловаю Аҳмад Бобоқулов гувоҳи онанд, ки Луъбат Бурҳонова бо назокати хоса, омодагиҳои пухта ва бо масъулияти баланд ин маҳфилҳоро барандагӣ намудааст.

Дар суҳбат коргардони шинохта Баҳром Сайфиддинов рочеъ ба ҳамкориҳояш бо Луъбат Бурҳонова дар ташаккул ва таҳияи маҷаллаи телевизионии “Баҳористон”, ки ӯ коргардону барандаи доимиаш Луъбатхонум бо Абдулаҳад Мирзоаҳмадов ва гоҳе Мақсудҷон Икромов будаанд, ёдовар шуда, афзуд: “Бароям ёд овардан аз раванди ҳамкориҳо бо ин се тан сарсупурдагони кори телевизион гуворо аст, зеро он замон мо доимо дар такопӯ будем. Барои тамошобоб гардидани барномаҳо шаборӯзӣ заҳмат мекашидем. Ба ҷуз аз бозёфтҳои тозаи эҷодӣ чизе дар зеҳнамон намеғунҷид. На парвои хона доштему на пулу мол ва фароғат...”.

Вижагии дигари фаъолияти Луъбат Бурҳонова ба сифати барандаи консертҳои бошукӯҳи Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар Москва (1969), таҷлили 100-солагии В. И. Ленин дар Москва (1970), солонаи Конститутсияи СССР (1977), ки аз тариқи Телевизиони Марказии умумииттифоқ сабту пахш гардидаанд, зуҳур гардидааст. Ӯ инчунин барандаи барномаҳои даҳаҳою ҳафтаҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Туркманистон ва минтақаҳои Шарқи Дури ФР ва намоишҳои идонаи “Огонёк”-и Телевизиони Марказии умумииттифоқ низ будааст. Ошноӣ ва суҳбат бо симоҳои намоёни сиёсии давр Лионид Брежнев, Шароф Рашидов, Турсун Улҷабойев ба ӯ мушарраф гаштааст.

Дар баробари кор дар телевизиону радио Луъбат Бурҳонова дар кинои тоҷик низ нақшҳо офаридааст. Ӯ дар филмҳои “Салом, одами нек”, “Ман бо духтаре вохӯрдам”, “Доҳунда”, “Писар бояд зан гирад” ва “Вазифаи олӣ” нақшҳои гуногунро бозидааст.

Заҳматҳояш бо Ифтихорномаи Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон, медали 100-солагии В. И. Ленин ва мукофотҳои соҳавӣ қадрдонӣ шудаанд.

Саҳифагардонии зиндагиномаи ин чеҳраи тобноки оинаи нилгуни тоҷик андешаву хотираи касро ба дуриҳои начандон дур мебараду касро ҳолати гуворое фарогир мешавад, ки хушбахтона чунин наҷибзодагоне будаанд, ки зиндагии моро нуру зиё бахшидаанд.

Ёдашон ба хайр!

Олимӣ ЗИЁ, фарҳангшинос

МАВЛУДНОМА

11 ДЕКАБР

Набиҷон Носиров (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Лола Почоҷонова (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Акбархоҷа Ҳайдаров (1935-2005), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Абдулвоҳид Ҳасанов (1920-1988), 105-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

12 ДЕКАБР

Наҷмиддин Азизов (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Валиҷон Мирбобоев (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Ҳайдар Одиназода (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Исмат Шарифов (1915-1944), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Шоҳбаҳор Шоҳхуморов (1940), 85-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

13 ДЕКАБР

Содиқ Ҳамроев (1930-2006), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Салоҳиддин Ҳасанов (1935-2008), 90-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

14 ДЕКАБР

Ҷалол Бобоев (1910-1998), 115-солагии зодрӯзи файласуф.

Файзулло Кароматов (1925-2014), 100-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор.

Шариф Султонов (1915-1983), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

15 ДЕКАБР

Луъбат Бурҳонова (1935-2010), 90-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион.

Гавҳар Почоҷонова (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Камол Сӯфиев (1930-2008), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Икром Фозилов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

16 ДЕКАБР

Худоёр Каримов (1925-2010), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Мавлуда Маҳмадқулова (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Турсунбӣ Ҳотамова (1935), 90-солагии зодрӯзи пахтакор.

17 ДЕКАБР

Абдуманон Абдуллоев (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, узви вобастаи АМИТ.

Турсунбой Собиров (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Тошпӯлод Ҷӯраев (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Тоҳиров Тоҳир Аминович, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, деҳаи Карағоч 213, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк, №1204, аз санаи 02.12.2008 ба номи Ҳасанов Саидҷалол Аброрович, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳасанов Саидҷалол Аброрович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК, №0124197, қайд 2481, ба номи Сафарова Рӯзафзун Сафаровна, соли 2017, ки аз Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос (Свидетельство на права на наследство) аз рӯи қонун бо реестри №7Н-162 аз санаи 05.05.2004 ба номи Алиёрова Сабохат, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский 31, ҳ. 69, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари имтиҳонот ба номи Абдуллоев Рамазончон Парвизчонович, ки соли 2021, аз ҷониби ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Маҷидова Лайло Саидалиевна, РЯМ: 0730228153, РМА: 076600193, аз 11.04.2023, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1149976, ба номи Ниёзов Шерзод, 10.07.2023, ки аз ҷониби МТМУ №12-и н. Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Лоиқов Саидмухтор Агмалович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 1 пр. Н. Қарабоев 11, ҳ. 19, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва ИНН ҶДММ "Рушди Бепоён", №0267949, РЯМ: 0110028041, РМА: 010104495, санаи судур 20.07.2022, Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Каюмов Сино Тохирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи К. Раҳимов, хонаи 68, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Розиков Мухаммад, сокини ш. Душанбе, н. Шоҳмансур-2, маҳаллаи Гулкорон-2, хонаи 34, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Машраб", РЯМ: 0710000711, РМА: 070002604, ки аз 17.12.2009 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ситораи Сириус", №0269112, РЯМ: 0110030736, РМА: 010107278, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии «Намозкул», РМА: 330003958, РЯМ: 3310003235, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии Ҳоҷӣ Мирзо, РМА: 330011137, РЯМ: 3310006884, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии «Очилди», РМА: 330011092, РЯМ: 3310006847, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии «Султонбой», РМА: 330011680, РЯМ: 3310007415, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.

МЕФУРӮШАМ

► 2-ҳуҷрагӣ, 52 м.м., қабати 3, бинои 5-ошёна, дар ФР, Тульская область, пос. Волово, 2 500 000 руб. Тел.: +7920-111-21-95 (ватсап), 558-12-22-20

ДАРГУЗАШТИ РӮЗНОМАНИГОРИ МАЪРУФ ГУЛИ ЗАРД



9-уми декабр Гули Зард (Зардова Гулӣ Давлаталиевна), рӯзноманигор ва нависандаи тоҷик аз олам даргузашт. Ӯ солҳои охир аз бемории саратон ранҷ мекашид ва чанд моҳ пеш ҷарроҳӣ шудаву дар бинои 10-уми бемористони "Шифобахш" бистарӣ буд.

Маросими хайрбод бо Гули Зард рӯзи 10-уми декабр дар назди хонааш дар кӯчаи Сомони ноҳияи Фирдавсӣ баргузор шуда, намози ҷанозааш баъди зуҳр хонда шуд ва ӯро дар яке аз оромгоҳҳои шаҳри Душанбе ба хок супориданд.

Гули Зард 27-уми феврали соли 1963 дар шаҳри Қӯрғонтеппа зода шуда, шуъбаи филологияи руси факултаи филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро хатм кардааст.

Фаъолияти ӯ ҳамчун омӯзгор оғоз шуда, баъдан дар шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ кор кардааст. Чанд соли охир ҳамчун хабарнигори мустақил фаъолият дошт ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ андешаҳояшро нашр мекард.

Гули Зард бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ даҳҳо қиссаву ҳикоя эҷод ва таълиф кардааст. Аз ҷумла, "Дард", "Бодоми шириндона", "Ашки аҷал", "Хазонрези орзуҳо", "Худойдод", "Ҳамели андешаҳо", "Табассуми иқбол", "Ишқи духтари пистафурӯш", "Модаргург" аз ҷумлаи таълифоти Гули Зард мебошанд. Ӯ муаллифи чандин шеърҳо низ ҳаст.

Гули Зард дар ҳафтаномаҳои "Оила" ва "Тоҷикистон" ҳам чанд сол кор кардааст ва мақолаҳояш ҳамеша серхонанда буданд.

АҲЛИ ҚАЛАМИ МЕДИА-ХОЛДИНГИ "ОИЛА" АЗ МАРГИ РӮЗНОМАНИГОР ВА НАВИСАНДА ГУЛИ ЗАРД АНДУҲГИН БУДА, БА ПАЙВАНДОНАШ САБРИ ҶАМИЛ МЕХОҲАНД.

Искандар Шафеиён (Маликӣ), сардори пешини шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои дастгоҳи раиси шаҳри Исфара ҳамроҳи ҳамсар ва як духтараш заҳролуд шуда, фавтидаанд.



МАРГИ КОРМАНДИ ПЕШИНИ ҲУКУМАТИ ИСФАРА ДАР ПАЙИ ЗАҲРОЛУДШАВӢ

Онҳо шаби 7-уми декабр баъди итеъмоли хӯрок ҳалок шудаанд. Мушаххас онҳо аз чӣ заҳролуд шудаанд, маълум нест.

Гуфта мешавад, ки аҳволи ҳамаи аъзои ин оила, аз ҷумла ҳамсару фарзандон ва модараш баъди хӯроки шом бад шуд ва то омадани табибон падару модар ва як фарзанд ҳалок шуданд, модар ва фарзанди дигари Искандар Шафеиён ҳоло дар шуъбаи эҳёи бемористони Исфара бистарӣ мебошанд.

Ҷузъиёти дигари ҳодиса ҳоло маълум нест. Аз Раёсати танда рустии Суғд гуфтанд, ки тафтишот идома дорад.

Ҷасади Искандар Шафеиён (Маликӣ), ҳамсар ва фарзандаш 8-уми декабр дар зодгоҳашон деҳаи Вешисти шаҳри Панҷакат ба хок супорида шуд. Номи Искандар Шафеиён замоне расонаҳо шуд, ки дар задухӯрдҳои марзӣ бо Қирғизистон ҷароҳат бардошт. Баъдан алайҳи ӯ бо иттиҳоми қаллобӣ парванда боз ва ҷаримаву аз вазифа озод гардид. Вақтҳои охир ба соҳибкорӣ машғул буд.

ҶУДО

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР TOKYO GRAND SLAM 2025

Рӯзҳои 6 ва 7-уми декабр дар шаҳри Токиои Ҷопон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо Tokyo Grand Slam 2025 баргузор шуд, ки дар он 6 намояндаи Тоҷикистон ширкат карданд, вале соҳиби нишон нашуданд.



Ин охирин "Тоскулоҳи бузург" дар ин мавсим буд ва дар он 303 паҳлавон (169 мард ва 134 зан) аз 41 кишвари ҷаҳон ширкат карданд. Тоҷикистонро Обид Ҷебов, Мусаниф Миробов (ҳарду дар вазни -66 кг), Сомон Маҳмадбеков, Бехрӯзи Хоҷазода (ҳарду дар вазни -81 кг), Мизробшо Лоиқов (-90 кг) ва Муҳсин Малаев (-100 кг) намояндагӣ карданд.


Ҳеҷ кадоме аз онҳо ҷойҳои ифтихориро сазовор нашуданд ва нишон ба даст наоварданд. Ягона натиҷаи назаррас куштии Обид Ҷебов буд, ки ҷойи панҷуро гирифт. Ҷебов аз даври дуюм мусобиқаро шуруъ кард ва бар Герман Кобетс аз Русия ғолиб омад. Ӯ дар даври чорякниҳоӣ аз Шинсеи Ҳаттории ҷопонӣ шикаст хӯрд ва ба даври тасаллобахш рафт. Ҷебов дар ин марҳила бар Даикии Буба аз Фаронса ғолиб омад, вале дар мубориза барои нишони биринҷӣ аз Такеши Такеокаи ҷопонӣ, ки чемпионии феълии ҷаҳорн аст, мағлуб шуд.

Бехрӯзи Хоҷазода дар вазни то 81 кг дар даври аввал бар Ҷангарай Нергуи аз Муғулистон пирӯз шуд, аммо дар ҳаштякниҳоӣ аз Маттиас Кассе аз Белгия шикаст хӯрд. Намояндагони дигари Тоҷикистон дар даврҳои аввал мағлуб шуданд. Мусаниф Миробов дар вазни -66 кг аз Чаниёнг Ким (Куриёи Ҷанубӣ), Сомон Маҳмадбеков дар вазни -81 кило аз Сотаро Фуҷивара (Ҷопон), Мизробшо Лоиқов дар вазни -90 кило аз Ҳидетоши Токумочи (Ҷопон) ва Муҳсин Малаев дар вазни -100 кг аз Михал Йедржевский (Лаҳистон) шикаст хӯрданд.

ФУТБОЛ

ҶОМИ ҶАҲОН-2026: ТРАМП ҶОИЗА ГИРИФТ ВА ҚУРЪАКАШӢ БАРГУЗОР ШУД

Охири ҳафтаи гузашта қуръакашии марҳалаи гурӯҳии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 анҷом шуд. Ин мусобиқа аз 11-уми июн то 19-уми июл дар се кишвар - Иёлоти Муттаҳида, Канада ва Мексика баргузор хоҳад шуд.



Барои аввалин бор Ҷоми ҷаҳонии футболи соли 2026 бо ҳузури 48 дастаи мунтахаб дар 12 гурӯҳ, ки иборат аз чор даста ҳастанд, баргузор хоҳад шуд. Пеш аз қуръакашӣ президенти FIFA Ҷаннӣ Инфантино ба президенти ИМА Доналд Трамп ҷоизаи сулҳхро, ки ин созмони футболӣ чанде пеш таъсис дода буд, тақдим кард. Қуръакашӣ дастаҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кард:

Гурӯҳи A: Мексика, Африқои Ҷанубӣ, Куриёи Ҷанубӣ, дастае аз гурӯҳи D-и плей-офи Аврупо (Дания/Мақдуниёи Шимолӣ/Ҷумҳурии Чех/Ирланд).

Гурӯҳи B: Канада, Қатар, Швейтсария, дастае аз гурӯҳи A-и плей-офи Аврупо (Итолиё/Ирландияи Шимолӣ/Уэлс/Босниё ва Ҳерзеговин).

Гурӯҳи C: Бразилия, Марокаш, Ҳаитӣ, Шотландия.

Гурӯҳи D: ИМА, Парагвай, Австралия, дастае аз гурӯҳи C-и плей-офи Аврупо (Туркия/Руминия/Словакия/Косово).

Гурӯҳи E: Олмон, Кюрасао, Кот-д'Ивуар, Эквадор.

Гурӯҳи F: Нидерландҳо, Ҷопон, Тунис, дастае аз гурӯҳи B-и плей-офи Аврупо (Украин/Шведсия/Лаҳистон/Албания).

Гурӯҳи G: Белгия, Миср, Эрон, Зеландияи Нав.

Гурӯҳи H: Испания, Кабо-Верде, Арабистони Саудӣ, Уругвай.

Гурӯҳи I: Фаронса, Сенегал, Норвегия, дастае аз бозиҳои байниқитъавии гузаришӣ-2 (Боливия/Суринам/Ирок).

Гурӯҳи J: Аргентина, Алҷазоир, Австрия, Урдун.

Гурӯҳи K: Португалия, Ӯзбекистон, Колумбия, дастае аз бозиҳои байниқитъавии гузаришӣ-1 (Каледонияи Нав/Ямайка/ҶД Конго).

Гурӯҳи L: Англия, Хорватия, Гана, Панама.

Дар ҳамин дам 42 даста ба Ҷоми ҷаҳон-2026 роҳ ёфтаанд. Шаш дастаи дигар дар поёни моҳи марти 2026 аз тариқи плей-офф мушаххас хоҳанд шуд. Аз гурӯҳҳо на танҳо ду дастаи пешсаф, инчунин ҳашт дастаи беҳтарини ҷойҳои сеюм ба плей-офф, ки аз даври 1/16-финал шуруъ мешавад, роҳ пайдо мекунанд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

МУСОВИЕ, КИ «ИСТИҚЛОЛ»-РО ЧЕМПИОН ВА «ВАХШ»-РО НОУМЕД КАРД

Дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон то баргузории бозии мавқуфмондаи даври 19-уми миёни дастаҳои "Вахш"-и Бохтар ва "Истиқлол"-и Душанбе дастаи чемпион маълум набуд ва кадоме аз ин дастаҳо пирӯз мешуд, имкони чемпион шуданаш буд.



Барои «Истиқлол» зарур буд, ки дар ин бозӣ ҳадди ақал мусовӣ кунад, то имтиёзҳояш барои пеш аз муҳлат чемпион шудан басанда бошад. Барои «Вахш» танҳо пирӯзӣ лозим буд ва ҳам умед бар он, ки «Истиқлол» дар як бозии дигари мавқуфмонда аз «Истаравшан» мағлуб шавад.

Воҳӯрии дастаҳо дар варзишгоҳи "Пахтакор"-и шаҳри Бохтар бургузор шуда, бо натиҷаи мусовии 1:1 хотима ёфт. Сиёваш Ҳақназарӣ дар дақиқаи 25-ум ҳисобро ба фоидаи "Истиқлол" кушод. Дмитро Билоног дар дақиқаи 35-ум аз пеналтӣ ҳисобро баробар кард. Бенжамин Ампоса аз ҳайати "Вахш" бехтарин бозигари дидор эътироф шуд.

Бо ин ғалаба "Истиқлол" бо 49 имтиёз чемпиони мавсими имсолаи Лигаи олӣ гардид. Ҳоло "Истиқлол" рӯзи 12-уми декабр бо "Истаравшан" бозии мавқуфмондаро анҷом хоҳад дод. "Истиқлол" бори чордаҳум дар таърихи худ чемпиони Тоҷикистон шуд. Ин даста қаблан дар солҳои 2010, 2011, 2014, 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023 ва 2024 унвони чемпиониро ба даст овардааст.

РЕЗААХБОР




Пойгарони тоҷик Бежан Абдуллоев бо итминон дар финали Чемпионати пойгаи автомобилии Чин CRKC дар соли 2025 пирӯз шуд ва мавсимро бо натиҷаҳои рекордӣ ба анҷом расонд. Дар мусобиқаи ниҳоӣ дар бахши GP MAX KZ2, ки 7-уми декабр дар Ханчжоу баргузор шуд, Абдуллоев расман унвони чемпиони Чинро дар категорияи худ ба даст оварад. Ӯ 12 даврро бо натиҷаи 11:33.349 анҷом дод ва беҳтарин даври 57.335-ро ба қайд гирфт. Абдуллоев аз ронандаи чинӣ Чжоу Гуаню 2.753 сония пештар ба марра расид ва бори дигар исбот кард, ки ӯ дар ин мавсим қавитарин аст.

***

Размикори тоҷик Муҳаммад Наимов дар доираи рақобатҳои пешакии мусобиқаи "UFC 323" аз размикори бразилӣ Майрон Сантос шикаст хӯрд. Муҳорибаи онҳо шоми 7-уми декабр дар Невадаи ИМА баргузор шуд. Рақобат бояд дар 3 раунд мегузашт, вале пеш аз муҳлат анҷом ёфт. Дар лаҳзаҳои аввали раунди сеюм Майрон Сантос бо як ҳамлаи шадид Муҳаммад Наимовро ба замин афтонд ва довар нокаути техникӣ сабт карда, маҷбур шуд набардро боздорад. Ин бохти чорум ва аввалин нокаути Наимов ба ҳисоб меравад.

***

Собиқадори футболи тоҷик ва устоди варзиши ИҶШС Владимир Сисенко дар 63-солагӣ пас аз беморӣ даргузашт. Сисенко 19-уми апрели соли 1962 дар Шаҳринав таваллуд шудааст. Корномаи футболии ӯ охири солҳои 1970 оғоз ёфта, бо дастаи «Помир»-и Душанбе, ки дар он аз соли 1978 то 1983 ва аз соли 1986 то 1989 баромад карда буд, алоқаманд аст. Дар ҳайати ин даста Сисенко 119 бозӣ, аз ҷумла 19 воҳӯрӣ дар Лигаи олии ИҶШС анҷом додааст. Бо дастаи «Помир» ӯ соли 1988 ғолиби Лигаи якуми ИҶШС шудааст.



ПУЛ ЧИСТ?

Писарбачае ба падараш савол медиҳад:
- Дада, пул чист?
- Пул, писарам, ин мошин, шароб ва занҳои зебо,- ҷавоб медиҳад падар.
- Агар пул набошад чӣ?
- Дар ин ҳолат чой, троллейбус ва модари ту.

ФИРЕБ

Духтар ба модараш занг мезанад:
- Оча, ман падарамро фиреб кардам. Барои пардохти шартномаи донишгоҳ аз он кас пул гирифтам, аммо барои худам палто харидам. Ҳоло чӣ кор кунам?
- Зиқ нашав, духтарам. Акнун палто дорӣ-ку, дар ин ҳавои сард дар кӯча зиндагӣ кардан бароят осон мешавад.

ИНТИЗОРӢ

Марде ба беморхона занг мезанад.
- Гӯш мекунам,- садои маҳини занонае баланд мешавад аз он тарафи гӯшӣ.
- Салом, ин ҷо қабулгоҳ?
- Ин ҷо сардхона (морг).
- А-а-а, бубахшед, барои ман ҳоло барвақт аст...
- Боке не, мо интизор мешавем.

БАРЗАГОВ

Марде аз таксӣ пиёда шуда, дари онро мепӯшад.
- Э барзагов, дарро оҳиста пӯшӣ намешавад?,- садо баланд мекунад ронандаи таксӣ.
Мусофир, ки аслан дарро сахт напӯшида буд, дар ғазаб шуда, дарро мекушояду дубора сахт мепӯшад.
- Э барзагов, ин худаш чӣ гап?,- асабӣ мешавад ронанда.
- Ҳеҷ, думам дар зери дар монда буд, ҳамонро гирифтам,- мегӯяд мусофир.

МЕРОС

Марде молу сарвати зиёд дошт. Вақте мард мемирад, қозӣ писари ӯро ба наздаш даъват карда, мепурсад:
- Аз падарат чиҳо мерос мондааст?
Писари мард ҷавоб медиҳад:
- Аз падарам бисёр чизҳо мерос мондааст, вале аз мероскӯрҳо танҳо ману шумо мондаем.

НАҶОТ

Зане ба дугонааш мегӯяд:
- Ман мардони зиёдеро наҷот додаам.
Дугонааш ҳайрон шуда:
- Чӣ хел наҷот додӣ?
Зан:
- Ба зангу паёмакҳояшон посух надодам!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

то талоқ гирифтанаш зан бо шавҳараш мубоширати душманона дошт.

ТАКСӢ

Модар аз духтараш мепурсад:
- Ту дина шаб ба хона бо мошини кӣ омадӣ?
Духтар:
- Бо таксӣ.
Модар:
- Чаро ронандаи таксӣ туро дар назди подездамон бӯса кард?
Духтар:
- Ин навъи хизматрасонии мусосир аст, тарофаи комфорт-плюс.

ИМКОНИЯТ

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:
- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?
Мард мегӯяд:
- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надеҳ” афтод.

РОБИТА БО ДУШМАН

Ватсон аз Холмс мепурсад:
- Холмс, шумо хабари навро шунидед: як зан иддао намудааст, ки бо собиқ шавҳари худ мубоширати дӯстона дорад. Ба фикратон чунин ҳам мешавад?
Холмс дар ҷавоб:
- Наход ҳаминро ҳам нафаҳмед,

МАХФӢ

Марде зани фарбеҳеро ба оғӯш гирифта, мепурсад:
- Насибахон, вазни шумо чӣ қадар аст?
Зан бо ноз:
- Ин махфӣ аст...
Мард мегӯяд:
- Ақаллан се рақами аввалашро гап занед...

ТУҲФА

Мард аз зани дӯстдоштааш мепурсад:
- Ба ту чӣ туҳфа кунам?
Зан дар ҷавоб:
- Намедонам, ба ман ҳар гуна пулҳо маъқуланд.

НУСХАБАРДОРӢ

Хушдоман аз келин мепурсад:
- Барои чӣ набераам ба писари ман монанд нест?
Келин мегӯяд:
- Хола, мебахшед, ман асбоби нусхабардорӣ надорам.

ДИПЛОМ

Ҷарроҳи ҷавонро баъди ду маротиба бебарор анҷом ёфтани ҷаррохияш мудири шуъба даъват карда, мепурсад:
- Гӯш кун, Аброров, ту дипломро харидаӣ чӣ?
Ҷарроҳ дар ҷавоб:
- Хафа мекунед, духтур, барои чӣ дипломро мехаридаам? Онро ба ман дар зодрӯзам туҳфа карданд!

Сканворд

